Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

14 январи соли 2015, чоршанбе, №3 (982)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ОЯНДАРО БО ДАСТИ ХУД БИСОЗЕМ

Фаразан тазоҳуроти солҳои навадуми қарни гузаштаи Тоҷикистон низ бо даъватҳои инқилоби яке аз кишварҳои Ховари Миёна айни як чиз буд. Шиори "Амрико, Амрико марг ба найранги ту…", ки дар майдонҳои ин кишвар танинандоз буд, тақрибан баъд аз 30 сол бо андаке тағйир дар кишвари мо аз ҷониби дастандаркорони тазоҳурот ба наҳви "Золимин, золимин, марг ба найрангатон, Хуни шаҳидони мо мечакад аз чангатон" садо медод.



саҳ. 5

Ҳаёти ҳизб

## «Созандагони Ватан» бо нерӯи тоза



саҳ. 3

Авзои ҷаҳон

## Тазодҳои ҷаҳони муосир



саҳ. 7

Нишасти матбуотӣ

## Марги модару кӯдак кам шуд



саҳ. 10

Коммуникатсия

## Нерӯи телевизион



саҳ. 12

# ҲАШАРИ УМУМИИ НИҲОЛШИНОНӢ

**Санаи 8 январи соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ҷамоати деҳоти Султонободи ноҳияи Рӯдакӣ ташриф оварда, дар ҳашари умумии ниҳолшинонӣ бевосита иштирок намуд.**

Ба хотири иштирок ва саҳмгузорӣ дар бунёди боғи нав, ки дар майдони беш аз 300 га заминҳои лалмии ҷамоати деҳоти Султонобод бунёд меёбад, дар ин ҷо беш аз 1000 нафар сокинони ноҳияи Рӯдакӣ ҷамъ омаданд.

Ташрифи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва иштироки бевоситаи ӯ дар ин ҳашари ниҳолшинонӣ, пеш аз ҳама, ба хотири вусъат додани мавсими нави ниҳолшинонӣ ва тарғибу ташвиқи мардум ба шуғли пурманфиати боғпарварӣ аст.

Чунонки иттилоъ доданд, тайи 10 соли охир нишондодҳои ду барномаи давлатии рушди боғутокпарварӣ дар кишвар барзиёд иҷро шуд ва ҳоло барномаи нави ин соҳа таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки тибқи он боз дар зиёда аз 30 ҳазор га боғу токзори нав бунёд хоҳад ёфт.

Ба иттилои мутахассисони соҳа сарфи назар аз лалмӣ будани ин заминҳо иқлиму хоки ин мавзеи зебо, ки дар баландии беш аз 1100 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад, барои бунёду парвариши боғу токзор мувофиқ буда, дар сурати риояи талаботи агротехникӣ аз ин ҷо ҳосили фаровони мева гирифтан мумкин аст.

Тибқи нақша дар ҳамин мавсими ниҳолшинонӣ дар ин ҷо 300 га боғу токзори нав бояд бунёд ёбад. Дар оянда имкон аст, ки дар зиёда аз 3000 га заминҳои ин мавзеъ боғу



токзор бунёд карда шавад.

Роҳбарият ва аъзои хоҷагиҳои деҳқонии ин мавзеъ, ки то ин вақт дар ин заминҳо танҳо ғалла корида, фоидаи ночиз мегирифтанд, аз ин иқдоми наку басо шоду сипосгузоранд, зеро манфиати боғпарварӣ аз ғаллакории лалмӣ чандин маротиб зиёд аст.

Ҷойи таъкид аст, ки барои ҳавасмандсозии мардуми ин деҳот ба боғутокпарварӣ омодасозии заминҳо барои ниҳолшинонӣ бо сафарбар кардани даҳҳо техникаи кишоварзӣ ройгон аз ҳисоби давлат сурат мегирад ва ҳам ниҳолҳои хушсифати пайвандӣ ба ҳамин тартиб аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ, аз ҷумла аз хоҷагиҳои ниҳолпарварии вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ дастрас карда мешавад.

Гузашта аз ин, барои дуруст ба роҳ мондани ниҳолшинонӣ ва ҳам нигоҳубини боғу токзор ба ин ҷо олимону мутахассисони соҳа аз Академияи илмҳои кишоварзӣ ва устодону донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемуров сафарбар карда мешаванд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо мардум, аз ҷумла таъкид дошт, ки талабот ба меваю сабзавоти шаҳдбори Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар сол ба сол бештар мегардад ва ҳар касе, ки боғу токзори хушсифат бунёд намуда, парвариши онро дуруст ба роҳ мемонад, суди зиёд ба даст меорад.



# ҶОИЗАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таърихи 9 январи соли равон, мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ҳавасманд намудани ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва дар ин робита баланд бардоштани сатҳи иштироки варзишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин мусобиқаҳо, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидааст. Дар Фармон омадааст, ки барои ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Маблағгузории ҷоизаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шудааст, ки дар муҳлати 2 моҳ:

- Низомнома ва ҳайати Комиссияи мукофотпулиҳои Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзиширо таҳия ва тасдиқ намояд;
- масъалаҳое, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, аз ҷумла масъалаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва молиявиро ҳал намояд;
- санадҳои худро ба Фармони мазкур мутобиқ намояд.

Фармони мазкур ҷиҳати рушди варзиши касбӣ ва дастгириву баланд бардоштани сатҳи иштироки варзишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

# Барқияи тасаллият

## БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА ФРАНСУА ЖЕРАР ЖОРЖ ОЛЛАНД

***Рӯзи 8 январ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Фаронса Франсуа Жерар Жорж Олланд барқияи тасаллият ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад:***

**"ҶАНОБИ ОЛӢ,**

**Иттилооти даҳшатангез дар бораи ҳамлаи ғаддоронаи террористӣ дар Париж ба идораи ҳайати таҳририяи маҷаллаи "Шарли Эбдо", ки 12 нафар кушта гузоштааст, мардум ва Ҳукумати Тоҷикистонро бениҳоят андӯҳгин кард.**

**Ин амали ғайриинсонӣ ҳамаи моро бори дигар ҳушдор медиҳад: башарият имрӯз бо душмани умумие рӯ бу рӯст, ки хориҷ аз чаҳорчӯби ҳар гуна қоидаҳои зиндагии инсонист. Муборизаи дастаҷамъонаи беамон бар зидди ин "вабои аср" бояд ҳамаи моро муттаҳид созад. Тоҷикистон, ки бо Фаронса дар ин ҷода ҳамеша ҳамкориҳои хубу созанда дошт, таъкидан иброз медорад, ки дар амри решакан намудани ин падидаи фалокатбор бо Фаронса хоҳад буд.**

**Бо изҳори таъзия ва тасаллияти самимӣ ба тамоми мардуми дӯсти Фаронса, аз ҷаноби Президент хоҳишмандам, ки эҳсоси ҳамдардии амиқи моро ба наздикони фавтидагон бирасонанд. Ба маҷрӯҳшудагон шифои оҷил ва комил орзумандам".**

# ПЕШБАРИИ НОМЗАДҲОИ ҲХДТ ИДОМА ДОРАД

10 январ конфронсҳои чор комиҷроияи ҳизбии ноҳиявии шаҳри Душанбе баргузор гардиданд.

Дар конфронси комиҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ, ки 242 вакил иштирок доштанд, номзадии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Маҳмадалӣ Ватанов аз ҳавзаи якмандатии №1-и ноҳия пешбарӣ шуд.

Конфронсҳои ҳизбӣ дар комиҷроияҳои ҳизбии ноҳияҳои дигари шаҳри Душанбе низ доир гардиданд.

Дар конфронси комиҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 252 вакил ширкат доштанд. Дар ин конфронс номзадии сардори Раёсати илму маърифати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Бобоева ба вакилии МНМО ҶТ пешбарӣ гардид.

Дар конфронси комиҷроияи ҳизбии ноҳияи Шоҳмансур 213 вакил иштирок карда, ба ҷонибдории вакили парлумон Сӯҳроб Шарипов овоз доданд.

Дар конфронси ноҳияи Сино 200 вакил номзадии раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Ҷамшед Саидовро дастгирӣ карданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ низ конфронсҳои ҳизбӣ доир гашта истодаанд.

Конфронси муштараки кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияҳои Спитамен, Зафаробод ва Ғончӣ санаи 8-уми январи соли ҷорӣ дар толори литсейи №1 ноҳияи Спитамен баргузор гардид. Дар он 95 нафар вакил иштирок карданд.

Инчунин дар кори конфронс муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Асрор Латифзода, раиси кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд-С. Юнусов, раиси ноҳияи Спитамен М. Маҷидӣ ва раисони комиҷроиҳои ноҳияҳои мазкур иштирок доштанд. Дар рафти конфронс пешниҳод шуд, ки ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии "Спитамен" №25 Ҳасан Валиев пешбарӣ карда шавад. Вакилон пешниҳодро ҷонибдорӣ карданд.

Дар охири конфронс муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Асрор Латифзода вакили пешбаришударо табрик гуфт ва барои дар сатҳи баланди ташкилию сиёсӣ гузаронидани маъракаи интихобот ва комилан ғалаба кардани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маслиҳатҳои муфид дод.

Конфронси муштараки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрав 6 январ бо иштироки 150 нафар вакил баргузор гардид. Конфронси якҷоя номзадии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Садриддиновро пешбарӣ намуд. Ба тарафдории номзад 150 нафар вакил овоз доданд.

Ҳамон рӯз конфронси ноҳияҳои Муъминобод, Шӯрообод ва Ховалинг ба таври муштарак дар толори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Муъминобод доир шуд, ки дар он 140 нафар вакил ширкат доштанд. Дар конфронс номзадии Маҷидзода Чӯрахон Зоир-сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ гардид. Ба тарафдории номзад 136 нафар вакилон овоз доданд.

Конфронси ҳизбии шаҳри Кӯлоб 10 январ баргузор шуд. Дар он аз ҳавзаи якмандатии №37-и шаҳри Кӯлоб номзадии раиси шаҳр Абдуғаффор Раҳмонзода пешбарӣ гардид.

Дар конфронси муштараки комиҷроияҳои навоҳии Фархору Панҷ 211 нафар вакил ширкат варзиданд. Дар конфронс номзадии Сафаралӣ Шарипов пешбарӣ шуд ва вакилон якдилона ӯро интихоб карданд.

Дар конфронси комиҷроияҳои ҳизбии навоҳии Восеъ ва Ҳамадонӣ бошад, номзадии Ҳайдар Одинаев пешбарӣ шуд.

Конфронси муштараки комиҷроияҳои ҳизбии ноҳияи Мастчоҳ ва шаҳрҳои Истиқлолу Қайроққум 2 январ доир гардид. Дар он 105 нафар вакил иштирок доштанд. Дар натиҷа вакилон номзадии Оқилзода Нуруллоро аз ҳавзаи интихоботии Мастчоҳ №18 дастгирӣ карданд. Ҳамчунин аз ҳавзаи интихоботии «Хуҷанд-13» номзадии Гулбаҳор Турсунова, аз ҳавзаи интихоботии Ӯрунхӯҷаев-15 номзадии Зафар Охунов ва аз ҳавзаи интихоботии Ҷаббор Расулов-15 номзадии Комил Бутаев пешбарӣ шуд.

12 январ низ бо иштироки муовини Раиси ҲХДТ Ранохон Бобоҷониён дар ноҳияи Рӯдакӣ чунин конфронси ҳизбӣ доир гардид. Вакилон номзадии раиси комиҷроияи ҳизбии ноҳия Хайрулло Сӯфиевро ба вакилии МНМО ҶТ пешбарӣ карданд.

*Таҳияи*
**Толиби ЛУҚМОН**

## АХБОРИ ҲИЗБӢ

**и БОХТАР.** Дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Бохтар бо ҷавонони гурӯҳҳои мобилӣ аз ҳудуди шаҳраку деҳот семинари машваратӣ баргузор гардид. Миёни иштирокчиёни семинар, ки аъзои ситодҳои пешазинтихоботӣ мебошанд, оид ба ғояҳои созандаи ҳизб, дастовардҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, самтҳои Барномаи пешазинтихоботӣ ва навбатии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ корҳои фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ карда шуд.Дар фарҷоми семинар ба аъзои гурӯҳҳои мобилӣ маводи таблиғотӣ аз қабили тақвимҳо, аксҳо ва адабиёти гуногуни ҳизбӣ тақдим гардид.

**и ВМКБ.** Чанде пеш дар Муассисаи давлатии "Маркази ҷавонон"-и ВМКБ вохӯрии раиси фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон Акрамшо Фелалиев бо ҷавонони фаъоли вилоят ва аъзои ТҶҶ "Созандагони Ватан" баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ Акрамшо Фелалиев дар бораи таълиму тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, пос доштани хотираи неки абармардони гузашта, ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, мубориза бар зидди ҳар гуна амалҳои зишти ҷомеа, аз қабили нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ибрози ақида намуд. Сипас, байни ҷавонон ва вакили мардумӣ суҳбати ошкоро доир гардид ва ҷавонон ба саволҳои сершумори худ посухи мушаххас гирифтанд.

**и ИСТАРАВШАН.** Аъзои ҲХДТ аз шаҳри Истаравшан Самандар Эрназаров, Зулакбар Султонов ва Акрамхӯҷа Тошмуродов дар чемпионати умумиҷаҳонӣ, ки санаҳои 19 - 22 ноябри соли 2014 дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон баргузор гардид, дар намуди гӯштини камарбандӣ, мутаносибан дар вазнҳои 68, 82 ва 100 кг ғолиб баромада, ҷои сеюмро ишғол намуданд. Варзишгаронро раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Истаравшан Муҳаммадӣ Салимов дар вазъияти тантанавӣ қабул намуд ва дар қувваозмоиҳои минбаъда ба онҳо комёбиҳо орзу кард.

**и НОСИРИ ХУСРАВ.** Дар ноҳия бо иштироки раисону фаъолони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ маъракаи кабудизоркунӣ, ҳашари ниҳолшинонӣ доир гардид, ки дар он зиёда аз се ҳазор адад ниҳолҳои мевадиҳанда ва ҳамешасабз шинонида шуд.

**«МХ»**

# «Созандагони Ватан» бо нерӯи тоза

9 январи соли равон дар маҷлисгоҳи Кохи Ваҳдат конфронси 3-юми ТҶҶ "Созандагони ватан" баргузор гардид. Дар конфронс муовини Раиси ҲХДТ Ранохон Бобоҷониён, собиқ раиси ташкилоти мазкур Адҳам Маъмурзода, муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Руслан Шодиков, муовинони раиси ташкилот, роҳбарони намояндагиҳои ТҶҶ "Созандагони ватан" дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ширкат доштанд.

Ҳозирин нахуст ҳисоботи собиқ раиси ТҶҶ "Созандагони Ватан" Адҳам Маъмурзодаро шуниданд. Номбурда роҷеъ ба фаъолияти ташкилот ба таври муфассал маълумот дода, муҳимтарин рӯйдодҳо ва чорабиниҳои гузаштаро ба ёд овард. Ӯ зикр кард, ки ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар муддати кӯтоҳ тавонист дар ҷомеа, махсусан миёни ҷавонон обрӯву нуфузи зиёд пайдо кунад ва ҳамчун боли нерӯманди ҲХДТ барномаву ғояҳои ин ҳизбро тарғибу муаррифӣ намояд.

-Яке аз чорабиниҳои муҳиму хотирмон аксияи "Президенти ман" буд, ки соли гузашта пеш аз интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд доир гардид,-зикр кард А.Маъмурзода. Ҷавонони зиёде дар ин чорабинӣ ширкат варзида, ҳама якдилона номзади ҲХДТ ба мансаби президентиро дастгирӣ карданд ва эҳтироми иродати худро ба пешвои ҳизб нишон доданд.

Ҳамчунин номбурда якчанд чорабиниҳои муҳими дигарро зикр карда, фаъолияти ташкилотро дар тӯли 3 сол пурсамар арзёбӣ кард.

Дар қисмати музокира дар атрофи фаъолияти ташкилот дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, бештар кардани нуфузи он ва дигар масъалаҳои марбут ба ташкилот мубодилаи афкор сурат гирифт. Роҳбарони ташкилот



аз шаҳру ноҳияҳо андешаҳояшонро дар бораи мавқеи ташкилот иброз доштанд.

Роҳбарони намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон, Суғд ва ВМКБ оид ба фаъолияти ташкилот дар шаҳру вилоятҳо маълумот доданд ва изҳор доштанд, ки аксари ҷавонони фаъол аъзо ва ҷонибдори ин ташкилот мебошанд.

Дар ҷараёни музокира аз ҷониби иштирокдорон пешниҳод шуд, ки ТҶҶ "Созандагони Ватан" нашрия ё сомонаи вижаи худро таъсис диҳад, зеро ба гуфтаи онҳо ин нашрия метавонад минбари арзу ниёзи сиёсӣ онҳо бошад ва дар таблиғи сиёсати Ҳукумати кишвар ва ормонҳои миллӣ нақши муҳим бозад. Ин пешниҳод аз ҷониби раёсати ҳизб ва ташкилот хуб пазируфта шуд.

Сипас аз рӯйи масъалаи дуюм муовини Раиси ҲХДТ Ранохон Бобоҷониён ба сухан баромада, гуфт, ки бинобар сабаби ба кори дигар гузаштанаш Адҳам Маъмурзода аз вазифаи раисии ТҶҶ "Созандагони Ватан" озод карда мешавад. Ҳамин тавр Адҳам Маъмурзода аз вазифаи раисии ТҶҶ "Созандагони Ватан" озод шуд ва ба ҷойи ӯ бо роҳи овоздиҳӣ собиқ раиси Ассотсиатсияи заргарони Тоҷикистон Исфандиёр Абдураҳмонов интихоб гардид.

Ранохон Бобоҷониён раиси нави ташкилотро ба ҳозирин муаррифӣ карда, дар бораи фаъолият ва таҷрибаи кории ӯ маълумот дод.

Дар поёни конфронс муовини Раиси ҲХДТ Ранохон Бобоҷониён таъкид кард, ки фаъолияти ТҶҶ "Созандагони Ватан" минбаъд бояд бештар тавсеа дода шавад. Дар назди ин ташкилот вазифаҳои муҳим қарор доранд. Дар тарғиби ғояву барномаҳои ҲХДТ ин ташкилот миёни ҷавонон бояд саҳми боз ҳам бештар гузорад. Номбурда барои анҷом додани ин кор ба раиси нави ташкилот барору комёбӣ хост.

**Толиби ЛУҚМОН**

## Изҳороти Иттиҳодияи журналистони вилояти Суғд

# ВОБАСТА БА АМАЛИ ТЕРРОРИСТӢ ДАР ФАРОНСА

Инсоният аз нахустин гомҳояш дар ҳаёт бо тазодҳо ва муборизаҳои ба ҳам зид рӯ ба рӯ буд. Сарманшаи ин муқовиматҳо дар муқобили ҳам қарор гирифтани ду неру-некию бадӣ мебошад. Ҳамзамон аз ҳамон давра ба одамӣ имкони муқоиса ва интихоб байни ин ду падида дода шудааст, то битавонад арзишҳои неку ҳамидаро аз кирдору рафтору гуфтори бад ҷудо намояд ва зери фазои орому осуда ҳама шароитро баҳри сипарӣ намудани умри бобаракату хушбахтона фароҳам созад.

**ВАЛЕ** бадбахтона, бо гузашти чандин ҳазорсола ақли инсонӣ, ки ба бузургтарин пешрафтҳои илмӣ-технологӣ ноил гаштааст, дар тарбияи он қисмате, ки мансуби қувваҳои аҳриманӣ мебошад, оҷиз мондааст. Ғуломони торикию ҷаҳолат ҳанӯз ҳам дар гӯшаҳои мухталифи сайёра бо ақидаҳои сияҳкорона зуҳур мекунанд, ҳазорҳо одами бегуноҳро ба хоку хун мекашанд, оила, миллат ва қавмҳоро бо ноорормию бадбахтӣ мувоҷеҳ месозанд.

7-уми январи соли ҷорӣ, ҳамлаи ғайриинсонии террористӣ ба идораи маҷаллаи "Шарли Эбдо" дар шаҳри Париж сурат гирифт. 12 рӯзноманигор кушта ва 11 нафар захмдор шуданд. Ҳуҷуми ваҳшиёнаи муссаллаҳона ба афроде сурат гирифт, ки силоҳи ягонаашон қалам буд ва маҳсули хомаашон ба ошкор кардани мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои мубрами аҳолӣ бахшида шуда, масъулинро ба ҳалли онҳо маҷбур мекард. Албатта, мо журналистонеро, ки тавассути расидан ба эҳсосоти эътиқодии мардум, аз ҷумла мусулмонон, мехоҳанд шуҳрат ёбанд, қатъиян ҷонибдорӣ намекунем. Лекин маҷаллаи "Шарли Эбдо" дар саҳифаҳои худ на танҳо нисбати муқаддасоти исломӣ, балки дар бораи дигар паёмбарони динҳо ва ходимони маъруфи сиёсӣ низ карикатураҳо нашр мекард. Ин ҳама дар мафкураи ғарбӣ ҷузъи озодии сухан ва фаъолияти матбуот дониста мешавад. Аз ин рӯ, ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки бо чунин баҳонаи ҷоҳилона, нафари дигареро аз ҳаёт маҳрум созад. Ин ҳақиқати қуръонист, ки ҳар неку бадеро Худованд ҷазо таъин мекунад, ё мебахшад. На бадгуҳаре, ки барои қонеъ кардани нафси ҳайвониаш ба кишвари дигари пешрафтаю мутараққӣ меравад, торикии худро дар муқобили равшании дигарон эҳсос карда, аз рӯйи бухлу кина ҷисман нобудашон месозад.

Маводи нашрии маҷаллаи фаронсавӣ барои ин бадсиголон баҳонае беш нест. Мақсади асосии онҳо коридани тухми тарсу ваҳшат, дар шуури инсонҳо, баргардонидани ҳаёти мардум ба қарнҳои миёна мебошад. Ба замони ҳукмфармои ҷаҳолату ҳукмронии мутаассибони ҷоҳил.

Дар Сурияю Ироқ ҳеҷ касе ба Расули акрам танз накардааст. Ҳама мусулмононанд, касеро ҳам қаблан "кофир"-у "мулҳид" эълон накардаанд, вале ин ваҳшиҳо аллакай беш аз 50 ҳазор ҷавонмарди ҳамдини худро ба қатл расониданд, 150 нафар духтару ҷавонзанро зинда зери хок карданд. Дар Покистоне, ки сохти давлатдорӣ исломӣ мебошад, 142 талабаи мактабхонро дар рӯзи равшан ба қатл расониданд. Дар Афғонистони исломӣ беш аз 35 сол мешавад, ки ҳизбу ҳаракатҳои мухталиф як динро байрақи худ карда, ҳамдиёру ҳамдини худро бо мудҳиштарин усулҳо мекушанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон касе чунин маводро нашр накардааст, вале узви ҳаракати террористии "Давлати исломӣ", сокини ҷумҳурӣ Нусрат Назаров, маъруф ба лақабҳои "Абухолиди Кӯлобӣ" ва "Фурқони Фаластинӣ", таҳдид дорад, ки тамоми рӯзноманигорони тоҷикро мекушад, идораҳои онҳоро оташ мезанад.

Ҳодисаҳои болоӣ бори дигар собит месозанд, ки изтироби беш аз 8657 ҳазор донишҷӯи суғдӣ нисбати тақдиру ояндаи хеш бемавқеъ набудааст ва мактуби кушоди онҳо ба раиси ҲНИТ кӯшишест баҳри таҳрики илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ.

Журналистонро дар Фаронса чанд рӯз қабл куштанд, вале дар Тоҷикистон рӯзноманигорони маъруф Муродуллоҳи Шерализода, Отахон Латифӣ, Муҳиддин Олимпур, Хушбахт Ҳайдаршо ва даҳҳо журналисти дигарро, маҳз ба хотири фаъолияти касбиашон даҳсолаҳо пеш аз миён бурданд. Гарчанде ба эҳсосоти эътиқодии касе нарасида буданд.

Иғвоҳоро дар самти сиёҳ кардани табақаи рӯшанфикр ахиран аз сар оғоз кардаанд. Муалимону олимонеро, ки ба онҳо итоат ва хизмат намекунанд ва ҷонибдори рушди илмии ҷомеа мебошанд, мулҳиду кофир эълон мекунанд. Чуноне, ки шоири номдори миллат, як қатор кормандони Академияи илмҳо, устоди оддии мактаби миёнаро кофир хонданду муридонашон мунтазам бо истифода аз саҳифаҳои интернетию дигар василаҳо ба ҷони онҳо таҳдид мекунанд. Бо ҳама роҳҳо мехоҳанд дар байни мардум иғво андозанд, ки дар Тоҷикистон Ислом зери хатар аст. Дар ҳолате, ки теъдоди масҷидҳо дар ҷумҳурӣ нисбат ба адади мактабҳо чанд маротиба бештар буда, нафаре барои тоату ибодати берун аз ҳадафҳои муғризона таъқиб нашудааст. Худашон ба хотири расидан ба қудрат аз номи Худо ва Пайғамбари ислом сӯистифода мекунанду иттиҳомро дар дигарон меҷӯянд.

Имрӯз, дар ин марҳилаи фоҷиабор, ки аз хатари он мо ҳам дар канор нестем, лаб ба хомӯшӣ бастан маънии бетарафӣ ба сарнавишти инсоният, пеш аз ҳама, ба аҳли аёл, зоду бум ва миллату давлати худамонро дорад. Бетарафӣ бешарафӣ аст. Тамоми ҷомеа, билхоса мо рӯзноманигорон, бояд ба муборизаи беамон алайҳи душмани нави башарият, ки чеҳраи худро пушти шиору даъватҳои исломӣ ниҳон кардааст ва ба ҳеҷ касе, гурӯҳе, ҳизбе раҳм нахоҳад кард, бархезем. Онҳо ҳатто ба онҳое, ки Исломро ҷузъи таблиғотии аҳдофи ҳизбӣ кардаанд, гузашт нахоҳанд кард. Шарфу рӯймолҳои осмонӣ касеро наҷот нахоҳанд дод. Ин гурӯҳ зери ливои сиёҳ баромад дорад. Ранге, ки рамзи ҷаҳолат асту торикӣ. Аз ин рӯ, лаҳзаи фикррониию тасмимгирӣ фаро расидааст. Хусусан барои онҳое, ки метавонанд огоҳу ноогоҳ ба паҳншавии ин ранг мусоидат кунанд.

Бубинед, чандин кушштори ваҳшиёнаи террористӣ, ҳатто донишҷӯёнро ба иқдомгирии мушаххас дар шакли мактуби кушода маҷбур сохтанд. Мо бояд беҳтару дақиқтар аз онҳо хатари нави ҷаҳониро, ки доманаи таҳдидаш Ғарбу Шарқро фаро гирифтааст, дарк намоем. На танҳо мо худамон, балки чашми мардумро бояд кушоем. Зиёиён, равшанфикрон, ҳар нафаре, ки барояш вожаҳои озодӣ ва озодандешӣ муқаддасанд, бояд аз шинак берун оянд, овоз рӯшан кунанд, алалхусус журналистон. Фардо дар ҳақиқат дер мешавад.

Тоҷикистон ва манфиати ин марзу бумро, сарфи назар аз макони фаъолият, набояд фаромӯш кард. Ба бозиҳо ва муносибатҳои бозаргонӣ нисбати андеша, қалам ва амали журналистӣ, ки гоҳо ба осиёби ифротгароён об мерезад, хотима бояд гузошт. Агар ин корро накунем, фардо ҷою манзалати қаламу калом нахоҳад монд. Ворисони қаламро тақдири журналистони Париж, ки нигини олами адабу маданият, ободкорӣ, рушду тараққӣ ва густариши арзишҳои демокротиаш медонанд, ва шояд бадтар аз ин, метавонад интизор бошад. Вақтҳои охир бандагони моҷарою ҳангома пушти ҳар як иқдоми ҳақу ватандӯстона, қувваҳои дигарро меҷӯянд, ҳадс мезанаду тахмин. Вале моро бояд боке набошад, алалхусус, вақте андешаю каломамон на ба хизматгузории ғайр, балки ба ҳифзи манфиатҳои давлату миллати хеш равона шудаанд.

Мо рӯзноманигорон яроқи инсонкуш надорем, вале қаламу сухани мо аз муосиртарин аслиҳаи кашфнамудаи ҷонибдорони ҷангу хунрезӣ қудратмандтар аст. Замоне, ки ғубори мафкураи тангу торик таҳдиди фаро гирифтани осмони софу беғубори моро дорад, бояд шиорҳои бузургмардони хешро, ки бо сухану амал дар майдони корзор ҷонфидоӣ карданд, аз нав ба хотир орем:

***Вақти он аст эй қалам,***
***буррандатар гардӣ зи теғ,***
***Вақти он аст эй сухан,***
***ғуррандатар гардӣ зи барқ...***

**Парлумон**

**Дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагон, ки санаи 7 январ доир гардид, дар радифи баррасии дигар санадҳо вакилон Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "ККН-Регар" дар бораи сохтмон ва ба истифода додани корхонаи коркарди нафт дар минтақаи саноатии шаҳри Турсунзодаро ба тасвиб расониданд.**

## Дар Турсунзода корхонаи коркарди нафт сохта мешавад

**МУОВИНИ** якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лочин Файзуллозода ва вакили Маҷлиси намояндагон Домуллоҷон Ҷабборов роҷеъ ба тасвиб расонидани Созишномаи мазкур баромад намуда, иброз намуданд, ки тибқи Созишнома ҶДММ "ККН-Регар" ба нақша гирифтааст, ки корхонаи коркарди нафтро бунёд намояд. Бо татбиқи лоиҳа ҶДММ "ККН-Регар" истеҳсоли маҳсулоти баландсифати нафтии бензин А, АИ - 92, 95, сӯзишвории дизелии навъи Л-0.2-62 (ЕВРО- 4) ва мазутро дар минтақаи саноатии шаҳри Турсунзода ба роҳ мемонад.

Дар марҳилаи аввали татбиқи Лоиҳа иқтидори истеҳсолии корхонаи бунёдшаванда коркарди 150 ҳазор тонна нафтро дар бар гирифта, дар марҳилаи дуюм истеҳсоли коркарди нафт ба 300 ҳазор тонна расонида мешавад. Дар ду соли аввали баъди мавриди истифода қарор додани корхона, бо дарназардошти ба истифода додани сехи истеҳсоли қубурҳо аз маҳсулоти нафтӣ ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ зиёда аз 220 ҷойи кории доимӣ ташкил карда мешавад.

Ҳаҷми умумии сармоягузории лоиҳа 21 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

Файласуфи маъруфи Юнони қадим Афлотун фаразияеро пешниҳод карда буд, ки баъдтар ба унвони "мусули афлотунӣ" шуҳрат пайдо кард. Мухтасари масали мазкур ин аст, ки Афлотун мегӯяд "агар деворе бошаду пешорӯи он оташи бузургеро барангезанд ва байни оташу девор инсон қарор бигирад ва ҳаракат кунад, сояи он низ дар девор ба ҳаракат хоҳад рафт. Шахсе, ки аз донишу маърифат дур асту, ҷаҳолату нодонӣ бар мағзаш асар карда ҳамон сояро асл пиндорад ".



# ОЯНДАРО БО ДАСТИ ХУД БИСОЗЕМ

## ва ё тақриз ба мақолаи С. Ятимов "Оид ба назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ"

**ЯЪНЕ** зиндагии миллатҳову қавмҳое, ки ҷаҳолату нодонӣ бар онҳо ғолиб асту шуурашон заиф мисли ҳамин соя бошад, ки ғофил аз нури оташу он ки қуввае ҳаракати сояро идора мекунад, онро асл пиндоранд.

Чанде қабл мақолаеро бо унвони "Оиди назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ" хондам, ки ба қалами Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саидмуъмин Ятимов тааллуқ дорад. Аслан ин як тадқиқоти мухтасар, вале фарогире аст дар илми ҷомеъашиносӣ нисбат ба он, ки дар маҳдудаи як мақола муаррифӣ кунем.

Муаллиф дар матлаби худ бо далелҳои раднопазир ҳамин андешаро ба силки таҳқиқ кашидааст, ки миллатҳо ва давлатҳое, ки бунёдашон аз илму маърифат рехта шудааст, ҳамеша дасташон болост, вале миллатҳое, ки ба иллате аз аслу насаб, таърих ва фарҳанги худ дур шудаанду ба иделогия, фарҳанг, оину мазҳаби таҳмилшуда имон овардаанд, осебпазир буда, пешорӯи маҳвшавӣ қарор доранд. Зиндагии ин қавмҳо мисли ҳамон сояи афлотунист, ки онро асл мепиндоранд ва ғофил аз онанд, ки қуввае онҳоро аз берун ба майлу хоҳиши худ идора мекунад ва кадом сӯе хоҳад, мекашад…

Муаллиф дар матлаб хеле нозукбинона ишора мекунад: "Яке аз масъалаҳои муҳими фаъолият дар самтиояндабинии сиёсӣ коркарди алтернативаҳо мебошад. Мусаллам аст, ки субъектҳои сиёсӣ, махсусан берунӣ, ҳамон алтернативаҳоро коркард, омода ва роҳандозӣ мекунанд, ки ба амалишавии манфиатҳои онҳо мусоидат менамояд."

Назири ин фарзияро мо дар мисоли "баҳори араб" ва "инқилобҳои ранга"-и кишварҳои пасошӯравӣ дидем, ки қавму миллатҳои сархуш аз "бодаи демократия" бо дасти худ арзишҳои миллӣ, таърихӣ, иқтисод, фарҳанг ва ҳаёти амну ороми худро аз бунёд баркандаанд ва миллаташонро ба вартаи ҷаҳлу муфлисӣ афкананд. То дарк карданд, ки ин ҷомеаҳои алтернативӣ танҳо ба хотири ба даст овардани сармояву нафти ишон роҳандозӣ шудааст, дигар зимоми давлату давлатдорӣ аз дасташон берун шуд.

Ҷои дигаре ишора меравад, ки "…системаҳои интеллектуалии рушдёфтаи глобалӣ системаҳои оддӣ, примитивӣ, тахайюлӣ, эҳсосотӣ, тамоюл ба сарчашмаҳои афсонавӣ ва ормониро рӯшод, ошкоро, мустақиман ва бисёр вақт ноаён дар доираи манфиатҳои худ ҳамчун зерсистема ба таври инструменталӣ, чун восита, олоти бозиҳои геополитикӣ истифода мекунанд." Ба қавли муаллиф барои ин зерсистемаҳо тамоми имконот ҷиҳати мубориза фароҳам ва меъёру сарҳади онҳо муайян мешавад. Ин гурӯҳҳои истихдомшударо "…таҳти шиорҳои гуногуни "ҷиҳод", "муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ", "ҳимоят аз исломи ноб", "мубориза ба муқобили куффор", ки бар асари он садҳо, ҳазорҳо нафар нобуд шудаанд, деҳот, шаҳр ва кишварҳо ба харобазор табдил ёфтаанд" ба майдон мекашанд. Вале баъдтар ин "ғуломон"-и парвардашуда аз итоати хоҷагони худ сар мепечанд, аз таҳти таъсири онҳо берун мешаванд, торафт бештар "ғулом"-и арзишҳои сунъии таҳмилшуда мегарданд ва барояшон дарди сари зиёд эҷод мекунанд.

Натиҷаи ҳамин сиёсати якҷониба ва сарсахтонаи Ғарб аст, ки имрӯз дастпарварони "исломи сиёсӣ": "Толибон", "Алқоида", "Ихвон-ул-муслимин", "ДИИШ" ва мисли ин сарҳадҳои иҷозашударо убур намуда, дар марказы Аврупову Амрико даст ба террор мезананд. Натиҷаи ҳамин таҳрикҳои ногувор ва таҳрифи арзишҳои исломӣ аст, ки кормандони "Шарли Эбдо" барин маҷалаҳоро, ки рамзи "озодии сухан" дар Аврупо маҳсуб мешавад, дастпарварони худашон ба таври ваҳшатангез эъдом мекунанд.

Мутаассифона, аз дохили ин ақвом "лидерони ояндасоз"-е низ пайдо мешаванд, ки манфиати шахсии худро бар манофеи миллӣ тарҷеҳ медиҳанд, мунофиқона амал мекунанд ва мардумро ба иштибоҳ меандозанд. Муаллиф симои аслии онҳоро хеле дақиққорона фош намудааст: "Баъзеашон, қаламу каломе ҳам, ки доранд, мақола, муколама, мусоҳиба, мавъизаҳо ва ҳатто "корҳои илмиашон"-ро дар васфи маромҳои он системаҳо, дар бисёри вақт бошуурона, лекин хеле соддалавҳона, аммо қотеона, намоишкорона, барои мадди "он назар" афтоданҳо иброз медоранд. Ҳарчанд ин ашхоси хеле ҳушманд "об додану гулоб талаб кардан"-ҳои муаллифони он системаҳоро беҳтар аз ҳама медонанд. Лекин ҳеҷ гоҳ расман амалкарди онҳоро, нисбати миллат, намояндагони мардуми хеш маҳкум намекунанд."

Дар тақвияти ақидаҳои арзишманд ва барои имрӯз хеле муҳиму актуалии муаллиф танҳо бо ҳамин илова иктифо меварзем, ки "муҳандисони ҷаҳони муосир" вобаста ба менталитету ҷаҳоншиносии мардуми манотиқи мухталифи мавриди назарашон нақшаҳои хешро тарҳрезӣ мекунанд. Фаразан дар кишварҳои мусалмоннишин қувваҳои радикалии исломи сиёсӣ "олоти бозиҳои геополитикӣ"-и онҳо бошад, дар кишварҳои Аврупо ҳамин нақшро барояшон "неонатсистҳо" анҷом медиҳанд. Мисли ин, ки агар шиорпартоиҳои фашистони кишварҳои Назди Балтик ва Украина хеле шабоҳат дошта бошанд, шиорпартоиҳои қувваҳои иртиҷоӣ дар олами ислом низ аз як сарчашма обишхур доранд.

Фаразан тазоҳуроти солҳои навадуми қарни гузаштаи Тоҷикистон низ бо даъватҳои инқилоби яке аз кишварҳои Ховари Миёна айни як чиз буд. Шиори "Амрико, Амрико марг ба найранги ту…", ки дар майдонҳои ин кишвар танинандоз буд, тақрибан баъд аз 30 сол бо андаке тағйир дар кишвари мо аз ҷониби дастандаркорони тазоҳурот ба наҳви "Золимин, золимин, марг ба найрангатон, Хуни шаҳидони мо мечакад аз чангатон" садо медод.

Дигар ин,ки дар радифи истилоҳе мисли "геополитика " ва "геостратегия", ки муаллиф онро дар мақола хеле мӯшикофона шарҳ додааст, истилоҳе мисли "геоэкономика" сари кор омадааст, ки ба манфиати олами сармоя амал намуда, низоми молиявии кишварҳо ва минтақаҳоро барҳам мезанад. Зарбаи ин мафҳуми ҷадидро мо дар ҳаводиси чанд соли ахир эҳсос намудем, ки ҳатто ба иқтисодиёти кишвари мо низ беасар набуд.

Дар фарҷоми андешаҳои худ мехоҳам ҳамин нуктаро таъкид кунам, ки таҳқиқоти мазкур хеле густурда ва фарогир буда, ворид намудани он ба барномаҳои таълимӣ аз фанни сиёсатшиносӣ ё ҷомеашиносӣ ва тадриси он дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз манфиат холӣ нест. Инчунин салоҳи кор мебуд,агар олимони саршиноси мо низ дар давраи хеле ҳассос ва зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавӣ аз иқдоми муаллифи мақола, устоди соҳибназар Саидмуъмин Ятимов ибрат гирифта, дар ин мавзӯъ чанд сатри муассир менавиштанд, то барои баъзе ҷавонони мо, ки дар кӯчаву паскӯчаҳои сиёсати ҷаҳонӣ раҳгум задаанд, раҳнамо бошад.

**Бахтиёр ҲАМДАМ**

Минбари халқ
14 январи соли 2015,
№3 (982)

## ҶАҲОНИ МУОСИР БА МУНОСИБАТҲОИ НАВИ
# ИҚТИСОДӢ НИЁЗ ДОРАД

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

Дар кластерҳо ду стратегия - аввал, стратегияи баланд бардоштани истифодаи донишу равандҳои инноватсионӣ ва сипас бунёди шабакаҳои нави ҳамкорӣ дар дохили кластер, ки маҳз дар якҷоягӣ онҳо самараи ин ниҳодро афзун мекунанд, амал менамоянд. Бо гузашти вақт кластерҳои самаранок амалкунанда сабаби сармоягузориҳои бузург ва аз ин рӯ дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор ҳам мегирад.

Зимнан бояд таъкид кард, ки кластер хеле бузург аст, нисбат ба маҷмӯъ ва ё суммаи механикӣ ва ё одии ҷузъҳои он. Аз ин рӯ, коршиносон якчанд сифати асосии кластерро, ки маҳз дар созиши (комбинатсияи) судманди таркибӣ ва ё аъзои онҳо баромада, ин ва ё он стратегияи кластерӣ интихоб мегардад, таъкид намудаанд. Интихоби ҳадафҳои стратегии онҳо пеш аз ҳама ба шаклу мазмуни кластер такя дорад. Якум: стратегияи кластерии ҷуғрофӣ-минтақавӣ, ки асосан эҷоди кластерҳои ҳавзагии фаъолияти иқтисодиро вобаста бо имконияту захираҳои мавҷудаи маҳал вобастагӣ дорад, ҳадафи натанҳо забти бозори дохилӣ, балки бозори ҷаҳониро дорад. Бояд таъкид кард, ки ҳадафи стратегии кулли иттиҳоди кластерӣ - ин пеш аз ҳама баромадан ба бозори ҷаҳонӣ аст. Яъне, ин ниҳодро ташкил менамоянд, бо мақсаде, ки ҳамқадами бозори ҷаҳонӣ бошанд, рақобатпазириро бо моли хориҷӣ таъмин намоянд ва ниҳояти кор дар бозори ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо кунанд. Масалан, дар вилояти Суғд барои ташкил намудани кластерҳои боғпарварӣ, меваҷот, пахтакорӣ ва маҳсулоти он ва ғ. имкониятҳои хеле васеъ мавҷуд аст. Ин кластерҳо минбаъд метавонанд (бо шомил намудани ширкатҳои хориҷӣ дар таркиби кластер) ба сатҳи глобалӣ расанд. Яъне, ин стратегия сифр маҳаллӣ буда, воқеан то сатҳи глобалӣ хоҳад расид, зеро муаммои озуқаворӣ ва либосҳои натуралӣ дар радифи муаммоҳои глобалӣ қарор дорад. Дуюм, стратегияи амудӣ (вертикалӣ), ки дар кластер иштирокдорони марҳилаҳои муштараки равандҳои истеҳсолӣ шомил мегарданд. Чи тавре ки маъмул аст, барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ чандин зинаҳои истеҳсолӣ, ки дар он корхонаҳои мухталиф фаъолият менамоянд, иштирок менамоянд. Шомил гаштани онҳо ба иттиҳоди кластерӣ мусоидат менамояд, ки дар маҳсулоти ниҳоӣ тамоми сифатҳои инноватсионӣ такшин шуда, рақобатпазирии он таъмин гардад. Ин ҷо муҳим аст, ки маҳз кадоме аз иштирокдорони шабака ташаббускор ва иҷрокунандаи инноватсия дар доираи кластер бошад. Дар доираи фаъолияти кластерӣ, ҳар як иштирокдор манфиати баландтару сазовор, нисбат ба он, ки дар алоҳидагӣ фаъолият дошту тобеи манфиати маҳдуди худ буд, ба даст меорад. Масалан, маҳсулоти ниҳоӣ - истеҳсоли шарбати ягон мева аз сатҳу сифати боғ, заҳмати деҳқон, риояти талаботи агротехнологии боғпарварӣ, маслиҳатҳои илмӣ, хоҷагии об, фаъолияти гузорандагони захираҳо, умуман инфрасохторҳои марбут ба соҳа вобастагӣ дорад. Агар ҳар як иштирокдорони ин зинаҳо бо таври худ, барои фоидаи начандон калони кӯтоҳмудати худ, андеша кунанд, пас ягон пешравии устувору дарозмуддатро набояд интизор шуд. Охир, сифати маҳсулоти ниҳоӣ аз сатҳу сифати зинаҳои қаблӣ (захираву ашёҳо, технологияҳои навин ва ғ.) вобастагӣ дорад. Бояд ҳамаи иштирокдорони ин зинаҳо барои рақобатпазирии як ва ё ду маҳсулоти ниҳоӣ мубориза баранд. Зеро, таъмини рақобатпазирӣ ва ҳампоягии нархи маҳсулоти ниҳоӣ бо нархи ҷаҳонӣ, самараи занҷириро барои ҳамаи онҳо меорад.

Илова бар ин, стратегияи уфуқӣ (горизонталӣ), ки якчанд соҳаҳо ва секторҳои иқтисоди миллӣ метавонанд дар кластери азим дохил шаванд, тарҳрезӣ хоҳад гашт. Масалан, низоми макрокластери энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайваста бо касби сатҳи истиқлолияти энергетикӣ, метавон ташкил кард. Алҳол, дар кишвар, заминаҳо барои таҳияи стратегияи кластери технологӣ вуҷуд дорад. Ин ҷо, маҷмӯи соҳаҳо ва корхонаҳои мухталиф, ки ҳамон як технологияро истифода менамоянд ва ё ҳадафҳои онҳо дар атрофи он печидаанд (масалан, кластери биотехнологӣ ва ғ.)

### ТАҶРИБАҲО

**БА** хотир меорем, ки дар замони Шӯравӣ корхонаҳо дар шакли "иттиҳодияҳои илмӣ-истеҳсолӣ" ва "кооператсияи марзӣ-истеҳсолӣ" (ё масалан, комплекси ҷанубӣ-марзии Тоҷикистон ҷиҳати ободонии водии Вахш, ки нимаи аввали қарни бистум) арзи ҳастӣ доштанд. Аммо низоми маъмурӣ ва аслҳои (принсипҳои) идораи соҳавӣ ба фаъолияти онҳо маҳдудият эҷод мекард. Масалан, интихоби таъмингарони омилҳои истеҳсолӣ (ва истеъмолгарони маҳсулоти онҳо низ) на бо интихоби корхонаҳо, балки аз "боло" муайян мешуд. Дар натиҷа ашёҳои маҳсулотеро, ки дар минтақа тавлид мешуд, аз дигар ҷумҳуриҳо меоварданд. Дар шароити имрӯз вазъият дигар аст ва кластер аз он ниҳодҳои дар боло қайдгардида бо он фарқ мекунад, ки вай ба механизми бозорӣ такя дорад. Яъне, дар шароити бозорӣ, ташаббус, ки аз "поён" ибтидо мегирад, пас фаъолияти кластер самаранок сурат мегирад: корхонаҳо барои таъмини рақобатпазирии натиҷаҳои фаъолияташ бо он хоҳишу завқи ботинии худ ба иттиҳодияи кластерӣ рӯ меоранд.

Таҷрибаҳои кишварҳои Аврупо дар масоили ташкили кластерҳо шаҳодат медиҳад, ки онҳо чун заминаи гуфтугӯи созандаи миёни бахши хусусиву соҳибкорӣ ва давлат хидмат мекунад. Ин кор имконият додааст, ки самаранокии ҳамкориҳои миёни давлат, бахши хусусӣ, ассотсиатсияи тиҷоратӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилотиро баланд бардошта, онҳоро ба маҷрои инноватсионӣ ҳавола диҳад. Солҳои 90-уми асри 20, бахусус ибтидои қарни нав дар аксари кишварҳои (мутараққӣ ва индустрияи миёна) ҷаҳон "стратегияи кластерӣ", дар марказҳои фаъоли иқтисодӣ ҷойгоҳи устувор пайдо карда, рақобатпазирии иқтисоди миллиро дар бозори ҷаҳонӣ таъмин намудааст. Ҳукуматҳои ин кишварҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки кластерҳои мавҷударо дастгирӣ намоянд ва шабакаҳои нав ба навро тавлид кунанд. Дар ин раванд давлат на танҳо бо ташаккули кластер мусоидат мекунад, балки худ низ иштирокдори он мебошад. Масалан, дар Олмон, аз соли 1995 барномаи ташкили кластери биотехнологӣ таҳия гашта, рӯи майдони фаъолият омадааст. Дар Британияи Кабир бошад, ноҳияҳои атрофи Эдинбург, Оксфорд чун минтақаи ҷойгиркунии корхонаҳои биотехнологӣ муайян шудааст. Ҳукумати Норвегия ҳамкории миёни корхонаҳоро дар кластери "хоҷагии баҳрӣ" ҳавасманд менамояд. Финляндия кластери саноати ҷангалро ташкил кардааст, ки дар он корхонаҳои истеҳсоли чӯбу маҳсулоти чӯбӣ, коғаз, мебел, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилоти марбут ба ин соҳа ва ғ., дохил мешавад. Тибқи назари коршиносон, Финляндия аз нигоҳи ҳам пажӯҳишӣ ва ҳам ҳамкории (кооператсияи) технологӣ пешрав аст. Франсия ва Италияро метавон чун намуна дар ташкили ин ниҳод пазируфт. Зеро, дар онҳо стратегияи махсуси кластерӣ (ҳарчанд унвони дигар гирифтааст) таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳамин тариқ, новобаста аз тарзу услуби мухталиф, аксари кишварҳои Ғарб барои худ ин ва ё он стратегияи кластериро таҳия намуданд.

Дар кишварҳои пасошӯравӣ бошад, паҳнгардии аслҳои кластерӣ бештар дар сатҳи минтақа қомат афрохтааст. Дар ин раванд, рақобатпазирии соҳибкории маҳаллӣ ва самаранокии сиёсати иқтисодии минтақавӣ баланд ҳам шудааст. Масалан, дар вилояти Хмелински Украина аз соли 1998 нахуст кластерҳои минтақавӣ, аниқтараш кластери муассисаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, кластери иттиҳодияҳои сохтмонӣ ва истеҳсолгарони маводи сохтмонӣ ва ғ. ба фаъолият оғоз намуда, самараҳои судманд овардааст. Муҳимтарин аз онҳо ин тағирёбии муҳити инвеститсионӣ мебошад.



Яке аз сифатҳои муҳим ва фарққунандаи кластер ин тамоили инноватсионии он мебошад. Аслан кластерҳои фаъол майдон ва манотиқеро (минтақаҳои озоди иқтисодӣ) меҷӯянд, ки дар он ҷо воридгардии техникаву технология қулайу мусоид аст: то ин ки минбаъд барои ноил гаштан ба сатҳи нави бозор боис гардад. Аз ин лиҳоз, бештари кишварҳои олам новобаста аз сатҳи тараққиёташон кластерҳоро хеле моҳирона барои ташаккулу танзими барномаҳои миллии инноватсионии худ истифода мебаранд. Масалан, вазифаи ташаккулу устуворгардонии кластерҳои инноватсионии минтақавӣ дар ИМА дар радифи стратегияҳои афзалиятноки миллӣ қарор дошт. Ин ҷо шиори асосӣ бо унвони "сармоягузорӣ дар технология - ин сармоягузорӣ барои ояндаи кишвар" маъмул аст. Воқеан ҳам маҳз дастгирии қавии маҷрои инноватсионӣ инкишофи дарозмуддати соҳибкорӣ ва иқтисоди миллиро таъмин менамояд. Ин ҷо метавон чор шакли инноватсиониро таъкид кард: дастгирии мустақими буҷавии коркарду татбиқи технология ва маҳсулоти нави илмғунҷоишаш баланд; дастгирии ғайримустақим ба воситаи сиёсати андоз ва бо ёрии танзими маъмурӣ; маблағгузорӣ дар низоми маориф; дастгирии ҷузъҳои инфрасохторҳои хоҷагидорӣ, ки барои пешрафти маҷрои инноватсионӣ зарур аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тамоиле пайдо шудааст, ки дар доираи кластер, аз як тараф консентратсияи иттиҳодӣ (самараи васеъгардӣ) чун самти асосӣ ва аз тарафи дигар, тавсифгардии истеҳсоли маҳсулот ва мустақилият гирифтани доираи хизматҳои гиреҳӣ, аз он ҷумла афзудани муассисаҳои хурду миёна, ки барои иттиҳодияҳои кластерӣ хидмат мерасонанд, ба чашм мерасад. Аз ин ҷост, ки ташкили кластер ба рушди соҳибкории хурду миёна таъсири зиёд мебахшад. Тағйироти таркибии самараноки "муассисаҳои азими саноатӣ" алоқамандиҳо ва ҳамкориҳо миёни соҳибкории хурду миёна, давлат, муассисаҳои илмиву таҳсилотӣ ва ғайра тақозо мекунад. Дар ин замина, маҳз ташкили кластер фишангҳои зарурӣ ва методологияи аналитикиро рӯи майдон меорад ва имконият медиҳад, ки инкишофи васеи соҳибкории хурду миёна сурат гирад. Аммо, таъкид кардан зарур аст, ки ҳамкории соҳибкорони хурд дар доираи кластер кори нисбатан мушкил аст. Зеро фаъолияти онҳо ба ташаббусу рафтори фардӣ такя доранд, яъне онҳо аслан дар доираи тафаккури маҳдуди фардӣ амал мекунанд ва шояд ҳамкории зич барои онҳо манфиатнок набошад. Қабули қарор оид ба шомил гаштан ба кластер, аз сатҳи диди назар ва тафаккури стратегии роҳбарони корхонаҳои хурд алоқаманд аст. Онҳо бояд пеш аз қабули қарор дар андешаи худ гудозанд, ки ба кластер кадом чизе ва ё донишеро медиҳанду аз он чӣ мегиранд.

### КЛАСТЕР ВА СИЁСАТИ САНОАТИИ ДАВЛАТ

**МАЗМУНИ** тарзу услуби ташкили кластер аслан мазмуни сиёсати саноатии давлатро тағйир медиҳад. Дар ин маҷро ҷидду ҷаҳди давлат бояд на ба дастгирии корхонаҳои алоҳида, балки барои густаришу инкишофи алоқаҳои тарафайни миёни таъмингарони омилҳои истеҳсолот ва истеҳсолгарон, миёни истеъмолгарони ниҳоӣ ва истеҳсолгарон, миёни худи истеҳсолгарон ва ниҳодҳои ҳукуматӣ ва ғ. равона шавад. Дар ин маҷро беҳтар кардани фаъолияти инфрасохторҳо, ки шароитҳои мусоидро дар ташаккулу рушди кластер мусоидат менамоянд, ҳамчун марҳилаи аввали фаъолияти давлат қарор мегирад ва сипас барои раҳоии ҳар гуна маҳдудиятҳо дар роҳи инкишофи инноватсия тадбирҳои зарурии мушаххас андешида мешавад. Аён аст, ки чунин ислоҳоти ниҳодиву сохторӣ аслҳои (принсипҳои) сиёсати саноатиро тағйир медиҳад, ки ин кор бахусус барои кишварҳои баъдишӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон зарур аст. Вай тағйироти куллӣ ва ё бозсозии дастгоҳи идораи давлатӣ, тағйири рафтори нусхабастаи мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои соҳавӣ, умуман бурун намудани манфиати соҳавӣ ва ё вазоратиро тақозо менамояд. Зимнан таъкид намудан ба маврид аст, ки дар шароити фаъолияти низоми кластерӣ, фаъолияти идораи соҳавӣ (вазоратҳо) маҳдуд мешавад ва тадриҷан аз байн хоҳад рафт. Аллакай имрӯз зарур аст, ки сохторҳои идораи давлатӣ дар мавриди таҳлили фаъолияти иқтисодии минтақа, на ба аслҳои соҳавӣ (чи тавре имрӯз анъана шудааст), балки ба аслҳои минтақавӣ, яъне фаъолияти бозорҳои алоҳида, омезиши онҳо ва иттиҳодияҳо такя намоянд. Яъне, ҳамон иттилоотро (далелҳои оморӣ, пурсишҳои анкетӣ ва ғ.), ки на фаъолияти соҳаҳо, балки пеш аз ҳама, сатҳи фаъолияти бозорҳои алоҳида ва иттиҳодияҳоро, ки самара овардаанд, инъикос менамояд, мавриди истифода қарор диҳанд: аз таҳлил меюояд бардошт кард, ки ташкили кластер ва ё ба кор даромадани корхонаи нави истеҳсолӣ дар ягон минтақа, ба фаъолияти бозорҳо, инфрасохторҳои мухталиф, соҳаҳои иҷтимоиёт ва ғ. чӣ таъсире расонид ва стратегияро ба кадом самт роҳандозӣ намуд.

Имрӯз метавон гуфт, ки дар ҷумҳурӣ дар маҷрои табиӣ якчанд "кластер" дар атрофи соҳаҳои гиреҳии саноат метавонад ба вуҷуд ояд (масалан, комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ, роҳу нақлиёт, сохтмон, пахтакорӣ, гурӯҳҳои саноатӣ-молиявӣ, супермаркетҳои молиявӣ-суғуртавӣ, бонкҳои универсалӣ ва ғ.). Аммо, азбаски ҷузъи ин ниҳодҳо дар алоқаву шартномаҳои ғайримуназзам қарор доранду манфиатҳои соҳавию гурӯҳӣ ва ҳатто инифродӣ боло мегирад, бинобарон ҳанӯз муносибатҳои иқтисодиашон заиф мебошанд. Барои он ки фаъолияти онҳо ба аслҳои кластери воқеӣ, ки низоми устувори алоқаҳо дорад, рост ояд, ҷалби мутахассисони варзида, бозомӯзии кадрҳо, риояи қатъии қонуну шартномаҳо, умуман таҳаввулоти мафкуравиро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, хулосаи ниҳоӣ дар он аст, ки кулли кластерҳо бояд бунёду инкишоф ёбанд ва маҳз онҳо нерӯи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт мебошанд. Агар ба таърихи ташкилу омӯзиши кластер назар афканем, пас аён мегардад, ки вай асосан таъмини сифати рақобатпазирии фаъолияти иқтисодиро дорад. Сипас барои ҳалли доираи васеи чунин масоил истифода мешавад: таҳлили рақобатпазирии давлат, минтақа ва соҳа; чун заминаи сиёсати саноатии давлат; дар таҳияи барномаи инкишофи минтақа; чун заминаи ҳавасмандкунии фаъолияти инноватсионӣ, чун омили густариши алоқамандии тарафайни соҳибкории хурду миёна ва ғ.

**Аброр МИРСАИДОВ**
*доктори илмҳои иқтисодӣ*

# ТАЗОДҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**Вазири корҳои хориҷии Марокаш Салоҳиддин Мезуар аз ширкат дар ҳамоиши Париж даст кашид. Қаблан ӯ гуфта буд, ки агар иштирокчиёни чорабинӣ суратҳои ҳаҷвии Пайғамбарро истифода баранд, ӯ дар ҳамоиш ширкат намекунад. Чун ӯ эътимод ҳосил кард, ки воқеият маҳз чунин аст, бо изҳори таслият ба президенти Фаронса Олланд дар кохи Елисей иктифо кард.**

**РӮЗИ** якшанбе дар Париж ҳамоиш бахшида ба поси хотири қурбониёни амалиёти террористӣ баргузор шуд, ки дар он тақрибан 1,3 - 1,5 миллион нафар, аз ҷумла сарони давлат ва масъулини вазоратҳои хориҷии беш аз 50 кишвар иштирок намуданд.

Ҳодисаи пуршӯртарини аввали сол- куштори даҳ рӯзноманигори маҷаллаи ҳаҷвии "Charlie Hebdo" бо сардабираш ва 2 афсари пулис рӯзи 7 январ дар маркази шаҳри Парижи Фаронса касеро бетараф нагузошт. Аз пайи он рух додани силсилаи фоҷиаҳо боиси нигаронӣ ва изтироби бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид: 8-уми январ дар қисми ҷанубии атрофи Париж ду марди мусаллаҳ як зани пӯлисро кушта, корманди назорати роҳро захмӣ намуданд. Онҳо бародарон Саид ва Шариф Куашиҳо буданд, ки аз дасти онҳо рӯзноманигорони маҷаллаи "Charlie Hebdo" кушта шуданд. 9 январ ду марди мусаллаҳ мошинеро ғасб намуда, бо пулис тирпарронӣ карданд Баъдан марде дар супермаркети ҳавзаи 20-уми Париж оташ кушода, панҷ нафарро гаравгон гирифт. Шом пулис бародарон Куашиҳоро нобуд кард. Ҳамзамон ҳуҷуми пулис ба супермаркет низ оғоз шуда, марди силоҳбадаст Аҳмеди Кулибалӣ нобуд ва гаравгонҳо озод шуданд. Дар мағозаи тилловории маркази шаҳр боз як мард нафареро гаравгон гирифт, вале баъди ҳуҷуми пулис таслим шуд.

Қурбонии охирин ғайричашмдошт як комиссари пулиси Фаронса Элрик Фреду гардид. Ӯ парвандаи қатли рӯзноманигоронро таҳқиқ карда, хастагӣ эҳсос менамуд ва худро дар дафтари кории худ бо таппончаи хидматии худ паррондааст. Дар маҷмӯъ тайи 3 рӯз дар оромтарин ва фарҳангитарин шаҳри ҷаҳон Париж 17 кас бо силоҳи оташфишон ба ҳалокат расонида шуд.

Дар ин рӯйдод қабл аз ҳама, вокуниши аҳли ҷаҳон мавриди таваҷҷуҳ аст. Як иҷрокунандаи сӯиқасд Шариф Куашӣ амалиёти мазкурро супориши шабакаи террористии "Ал-Қойида" эълом намуда, иброз доштааст, ки онҳо ҳомиёни пайғамбар мебошанд ва амалиётро аз лиҳози молиявӣ шуъбаи яманории Ал-Қойида саҳҳомӣ мекард. Вале то ҳол ягон созмони террористӣ масъулияти ин амалро бар уҳда нагирифтааст. Ба фикри коршиносон, онҳо аз хавфи қасос алъон худдорӣ мекунанд.

Ва шояд маҳз ба ин хотир, тамоми кишварҳои Шарқу Ғарб ба нишони ҳамдардӣ ба рӯзноманигорони фаронсавӣ ин суиқасдро маҳкум карданд. Ҳатто, кишварҳои исломӣ, ки қаблан аз ҷониби маҷаллаи "Charlie Hebdo" нашр шудани суратҳои танзомезро дар ҳаққи паёмбари ислом Муҳаммад (а) маҳкум намуда буданд, бинобар хусусияти рӯирости зӯроварӣ ин амалиётро кори ба дин нозарур ҳисобиданд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин амалро ғайриинсонӣ хонда, қотеъона маҳкум кард. Гурӯҳи сокинони шаҳри Душанбе субҳи 8 январ дар назди сафорати Фаронса гул гузоштанд ва ба ёди қурбониёни ҳамла шамъ фурӯзон кардаанд.

Аммо дар байни пайравони ислом ин амал эҳсоси дугонаро боқӣ мондааст ва дар андешаанд, ки бар касе, ки Қуръону пайғамбари исломро таҳқир кардааст, чӣ гуна бояд муносибат кунем? Дарвоқеъ, боре нашудааст, ки аз ҷониби муслимини мутамаддин нисбат ба пайғамбарони насронӣ ё ягон дини дигар беэҳтиромӣ зоҳир шуда бошад. Мубориза алайҳи пайравони адёни дигар ва тахриби ибодатьгоҳҳои онон танҳо аз ҷониби размандагони нерӯҳои исломӣ, махсусан ДИИШ дар Ироқу Шом дида мешаванд. Вале ҳамонҳо низ алайҳи пайғамбарон коре накардаанд. Пас, ин фитна аз онҳост. Бинобар ин, аз таҳқирҳои онҳо чанд сол ҳам гузашта бошад, аммо дар дили пайравони ислом кудурати ин беэҳтиромӣ боқӣ мемонад." Ба ҳар ҳол, шахсони озодандеши ҷиддии Ғарб, аз ҷумла Фаронса бар онанд, ки чунин ҷазои мудҳишро худи кормандони маҷалла ба сари худ харидаанд ва сӯиқасд ба он хотир ба иҷро расонда шудааст, ки рӯзноманигорони мақтули фаронсавӣ маҳз муқаддасоти динӣ ва пайғомбари исломро масхара намудаанд. Яъне ҳарчанд қатлу кушторро маҳкум менамоянд, танз намудани Пайғамбари исломро ҷонибдорӣ намекунанд. Вале як гурӯҳи калон инро ҳуҷум ба озодии мутлақи сухан меҳисобанд. Албатта, озодии сухан яке аз дастовардҳои неки инсоният аст. Вале ҳанӯз ҳазор сол қабл бузургони адабиёти форсу тоҷик бо сухан эҳтиёт шуданро таъкид карда буданд: "Сухан шерест зиндонӣ, замоне дар тафаккур беҳ, ки умре дар пушаймонӣ". Ҳаҷвнигорони "Charlie Hebdo" соли 2006 дидаву дониста ва ҳадафнок суратҳои таҳқиромези Пайғамбарро нашр намуда, кулли мусулмононро ба шӯр оварда буданд ва мабод, ки барои қасоси онҳо сарварони давлатҳои Ғарб ва кулли насронитаборон алайҳи ҷони мусалмононии ҷаҳон бархезанд. Махсусан ташвишовар он аст, ки аз қасосгирии бемаънии насронитаборон метавонист ба шуълаи оташи ҷанги пайравони ду дини ҷаҳонӣ равған резад: шаби 7 ба 8 январ дар масҷиди маҳаллаи Саблони шаҳри Ле-Мани Фаронса соати 00.30 4 норинҷак тарконда шуд. Хушбахтона, касе аз ин ҳодиса зарар надидааст. Вале чунин ба назар мерасад, ки ҳассосияти ин масъала кам карда нашавад, оқибаташ вазнин хоҳад шуд. Зеро ки бе ин ҳам ҷангиёни ДИИШ борҳо таҳдид ба амну осоиши Аврупо карда буданд ва дар ВАО пайваста аз таҳдидҳои "Ал-Қойида" оид ба амалҳои нави террористӣ дар Фаронса барои таҳқири Пайғамбар мавод интишор мегардад. Мабод, ки мошини ҷанги умумӣ ба ҳаракат даровarда шавад!

Дар доираи сиёсатмадорони Русия низ чунин муносибат эҳсос мегардад. Аз ҷумла, собиқ сарвари ЮКОС Михаил Ходорковский саросемавор ин рӯйдодро маҳкум намуда, шояд барои дар Ғарб холи зарурӣ гирифтан саросемагӣ зоҳир намуда, амали рӯзноманигорони фаронсавӣ - таҳқири Пайғамбари исломро тарафдорӣ намуд ва идомаи ин корро пешниҳод кардааст. Бо ин амал сардори ҷумҳурии Чеченистон Рамзан Қодиров ӯро душмани ислом ва душмани шахсии худ эълом намуд. Аз пайи он Рамзан Қодиров идораи радиостантсияи "Эхо Москвы"-ро низ ба минбари зиддиисломӣ шудан ва сардабири он Алексей Венедиктовро ба фитнаангезӣ айбдор намуд. Гап сари он, ки пас аз изҳороти Ходорковский "Эхо Москвы" байни шунавандагони худ чунин пурсиш гузаронд: "Танз кардани Пайғамбарро тавассути суратҳо давом додан лозим аст?" Ба гуфти Р.Қодиров маҳз чунин гузориши масъала таҳқири мусулмонони Русия мебошад. Як ҷиҳати талаби Р.Қодиров бешубҳа дуруст аст, ки "дар чунин давраи ҳассос беш аз ҳарвақта ваҳдату якдилӣ мебояд, барои мухолифони осоиш чун Венедиктов бошад, шарорае зарур аст, ки аланга бархезад ва мардумро ба майдонҳо барорад.

Дар пайи ин ҳодисот занги телефонии муҷоҳиди кӯлобии дар Сурия ба ДИИШ ҳамроҳшуда Нусрат Назаров, ки ҳоло худро Абӯ Холиди Кӯлобӣ ном мебарад, низ боиси нигаронист. Ӯ тавассути телефон ба сардабири ҳафтаномаи "Пайк" Аҳмади Иброҳим таҳдид намудааст, ки барои сиёҳ кардани пайравони ДИИШ ба рӯзноманигори тоҷик ҷазо хоҳад дод ва барои ин амал дар ин шаҳр одам дорад. Бародари ӯ ором мекунад, ки ба даъвои ӯ аҳамияте надиҳанд. Вале чунин таҳдидҳо дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ мавҷуданд ва мебояд корҳои зиёди таъмини бехатарии мардумро анҷом бояд дод.



Хуб аст, ки тамоми ҷаҳон, аз ҷумла сарони кишварҳои исломӣ ин амали террористиро дар Париж маҳкум менамоянд. Тавре борҳо зикр шудааст, террористон миллату сарҳад надоранд. Ва зимни ҳамоишҳои серодам ва пурдабдаба дар Париж ва дигар шаҳрҳои Фаронса, рафтори як мусулмони ҷавони 24 сола Лассан Батхилӣ шоистаи таҳсину пайравист. Ҳангоме ки террорист Аҳмеди Кулибалӣ дар даст ду автомат ба мағозаи маводи кошерӣ дохил шуда оташ кушод, Лассани мусулмон шаш нафарро бо худ ба ошёнаи поёнии бино бурда, дар дохили яхдон пинҳон кард, барқро хомӯш намуд ва худ тавассути лифти боркаш берун баромад. Пулис аввал ӯро террорист пиндошта дастгир намуд, вале сипас ӯ бо маълумоти пешниҳоднамудааш барои муваффақона гузаштани ҷараёни амалиёт кӯмак расонд. Дар натиҷа, ҷони даҳҳо касон аз марги беамон раҳо гардид. Вақте ки ба ӯ арзи сипос намуданд, Лассан гуфт, ки ин кори муқаррарии ҳаётии ҳар як инсон мебошад. Чунин аст намунаи хуби ҳамдилӣ алайҳи терроризм.

## «КАСЕ ЗАҲР МЕЧОШАД, ОНРО ХУД МЕЧАШАД»

**САРВАРОНИ аксари давлатҳои исломӣ амалиёти террористиро дар Париж маҳкум намуданд, инъикоси он дар васоити ахбори умуми кишварҳои исломӣ чандон оммавӣ, муассир ва якранг нест. Нашрияи ба ҳукумат наздики "Iran" ва газетаи "Sharq" ҳама гуна сӯиқасдро ба ҷони инсон хилофи таълимоти ислом номиданд. Айни замон нашрияҳои эронӣ сӯиистифода аз озодии суханро, ки ба таҳқири ин ё он дину мазҳаб равона шудааст, маҳкум менамоянд. Як қатор нашрияҳо фикри дигар доранд: *"Фаронса дар қатори давлатҳоест, ки террористону исломигароёнро дар Сурия дастгирӣ менамуд. Акнун дар ҷисми худ эҳсос намуданд, ки мубориза барои озодии онҳо чӣ маъно дорад, менависад нашрияи "Javan".***

***Дар телеканали "Al Mayadeen" сиёсатшиноси ливанӣ Ҷорҷ Сисиан ҳодисаро чунин шарҳ медиҳад: "Ба Фаронса даҳҳо террористоне баргаштанд, ки дар ҷанги Сурия ширкат доштанд. Худ ба худ ин падида хатарзой аст. Фаронса ва дигар кишварҳои Ғарб, ки то ҳол барои идомаи мубориза бо ДИИШ шубҳа доранд, бояд ба як хулоса оянд. Акнун фаронсавиҳо дигар наметавонанд чун қаблан бар он қоим бошанд, қисме аз ҷангиёни ДИИШ хубанду қисме бад".***

**Газетаи арабии "Al-Hayat" таъкид месозад, ки ҳукуматдорони Арабистони Саъудӣ, Лигаи давлатҳои араб, Донишгоҳи исломии Ал-Аҳзори Миср амалиёти террористиро маҳкум менамоянд. Вале вокуниши дигар нашрияҳои арабӣ чандон ҳассос нестанд. Аз ҷумла, нашрияи ҳаррӯзаи Уммон "Al Watan" дар мақолаи худ таҳти унвони "Касе заҳр месозад, онро худ мечашад" чунин менависад: *"Террористон аз фармони хоҷаҳои худ саркашӣ мекунанд ва акнун дар хонаи худи онҳо ҷиноят содир менамоянд".* "Дар Ироқ мардум ба ин ҳодиса чандон таваҷҷуҳ зоҳир накарданд, - менависад рӯзноманигори ироқӣ Ҷавод Башир. Зеро ки ҳар рӯз дар Ироқ теъдоди хеле бештари мардум кушта мешавад ва кишварҳои беруна ба он хомӯшона назар мекунанд. Нашрияи "Shorouk News" менависад, ки худи маҷаллаи "Charlie Hebdo" худро ба ин фоҷиа мувоҷеҳ сохта, дар давоми солиёни зиёд пайваста коре мекарданд, то нафрати мардуми боимонро нисбат ба худ барангезанд.**

**Толибони Афғонистон амалиёти террористиро дастгирӣ накарданд, вале онро занги огоҳидиҳанда ба онҳое ҳисобиданд, ки ислом ва Пайғамбарро таҳқир мекунанд. Аксари нашрияҳои Шарқ шубҳа доранд, ки ин амалиёт бо Ал-Қойида ва ё ДИИШ рабте дошта бошанд. Ҳарчанд ба тасдиқи сарвазири Туркия ҳамкори террористон Ҳаят Бумедиён тавассути ин кишвар ба ҳудуди Сурия паноҳ бурдааст. Ба фикри ВАО сабаби вокуниши муассир надоштани мардуми кишварҳои исломӣ оид ба ҳодисаҳои Париж он аст, ки дар Шарқ дар натиҷаи амалиётҳои террористӣ хеле бештар одамон нобуд мешаванд.**

**Васоити ахбори умуми баъзе кишварҳои Ғарб аз ҳамоиши умумӣ бо ширкати сарварону масъули 50 кишвар изҳори тааҷҷуб мекунанд. Ба фикри онҳо, ба ҷойи он беҳтар мебуд чораҳои муассир барои бехатарии Аврупо андешида мешуданд. Барои зоҳир намудани чунин ҳамдилӣ фикри сарварони вақти Амрико нарасид, ҳол он, ки соли 2001 дар Нйю Йорк аз амали террористӣ ҳазорҳо кас ҳалок гашта буданд. Коршиносон ин ҳамдилиро бештар зоҳирнамоии сиёсӣ меҳисобанд, ки дар амал наметавонад чандон таъсирбахш бошад. Ба фикри онҳо *«ин 1,5 миллион ҳамоишгарон наметавонад ба интихоботи навбатӣ низ чунин якдилона раванд ва бо чунин ҳол Олланд бори дигар президенти Фаронса интихоб шуда наметавонад, ба ин кишвар дигар намуди роҳбарони ботасмим ва қотеъона амалкунанда чун Саркози ва Ли Пен заруранд».***

**Лидери ҳаракати "Моҳияти замон"-и Русия менависад, ки ҳамоиши сарони давлатҳо боиси ташаннуҷи авзои ҷаҳон ва бархӯрди тамаддунҳо шуда метавонад, ин дар навбати худ, исломиҳоро бештар ба шӯр меорад ва амали ҷавобии Ғарб боиси депортатсияи мусулмонон низ шуда метавонад, вале ин амалро на либералистони имрӯза, балки радикалҳои дигар карда метавонанд.**

**Айни замон, хабар расид, ки шумораи навбатии «Charlie Hebdo» рӯзи 14 январ нашр мегардад ва дар муқоваи он сурати Пайғамбари ислом бо навиштаҷоти "Ман-Шарли" ҷой дода мешавад. Қаблан вай бо теъдоди 60 ҳазор нусха чоп мегашт ва нимаш ба фурӯш мерафт. Вале дархостҳо зиёд шуданд ва акнун 1 миллион, тибқи гуфтаи "Radio Canada" 3 миллион нусха, вале дар ҳаҷми мухтасар, ба ҷойи 16 саҳифа танҳо дар 8 саҳифа нашр мегардад.**

**Ҷумъа ҚУДДУС**

**Мо образи манқуртро аз романи нависандаи номвари қирғиз Чингиз Айтматов "Дурохаи бӯронӣ" хуб медонем. Манқурт касест, ки мағзу афкори ӯро шуста, хотироташро маҳв кардаанд. Ӯ наздикон, гузаштагон ва зиндагии аз сар гузаронидаашро фаромӯш мекунад. Ба қавли дигар, ӯ ба як мавҷуди вахшигунае табдил меёбад, ки фармони хоҷагонашро иҷро мекунад, бе он ки дарк намояд. Дар асари мазкур тарзи манқурткунонии одамон ваҳшатангез нишон дода шудааст. Аммо ҳоло мехоҳем аз манқуртҳои имрӯз бигӯем.**

# МАНҚУРТҲОИ ЗАМОНИ МО ЧӢ ХАТАР ДОРАНД?

**ТАВРЕ** воқеият нишон медиҳад, имрӯз низ баъзе гурӯҳҳои тахрибкор иддае аз ҷавонони сустиродаро осонакак манқурт мекунанд, ба вижа он ҷавонони тоҷикеро, ки ба сафи ҷангиёни ДИИШ ё "Давлати исломӣ" пайвастаанд. Онҳоро тавре манқурт кардаанд, ки дигар арзишҳои миллӣ, суннатҳои ниёгон ва ватани худро комилан фаромӯш намудаанд. Ҳоло онҳо касеро, ки бо андешаашон ихтилоф меварзад, мушрику кофир мехонанд. Чанде пеш дар интернет наворе паҳн шуд, ки дар он гурӯҳе аз ин ҷавонон таҳдид мекунанд, ки бо мақсади "ҷиҳод" ба Тоҷикистон меоянд. Онҳо барои анҷоми додани ин кор аз "халифа"-и "Давлати исломӣ" Абӯбакри Бағдодӣ иҷозат пурсидаанд, аммо ӯ гуфтааст, ки ҳоло сабр кунед.

Онҳо таҳдид кардаанд, ки рӯзе ба Тоҷикистон меоянд ва бо роҳи "ҷиҳод" кофириро аз байн мебаранд.

Ҳамин тавр онҳоро чунон манқурт кардаанд, ки аслу насаб ва бунмояи худро аз ёд бурдаанд. Ин навор ҳоло дар интернет гардон аст ва мутаассифона, теъдоди зиёди ҷавонон онро тамошо мекунанд.

Коршиносон ба ин назаранд, ки ба "Давлати исломӣ" бештар ҷавонони муҳоҷир ва ё муҳассилони кишварҳои арабӣ ҷалб мешаванд. Барои ҷалб кардани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Аз ҷумла, барои манқурт кардани ҷавонони минтақаи Осиёи Марказӣ сомонаҳои мухталифи интернетӣ василаи асосӣ мебошанд. Ба иттилои баъзе манбаъҳо ҳудуди 300 нафар ҷавонони тоҷик дар Ироқу Сурия меҷанганд. Иштироки онҳо дар ин ҷангҳои хунин далолат мекунад, ки дар кишвари мо ҳанӯз бархе аз мардум ба умқи таълимоти дини мубини Ислом фурӯ нарафтаанд ва ин дини сулҳофару инсонсозро ба таври кофӣ дарк накардаанд. Ин боис шуда, ки мафкураи онҳо осебпазир гардад ва ангезаҳои берунӣ ба мағзашон зуд таъсир расонад. Маҳз муносибати сарсарӣ ва кӯркӯронаи мо бо Ислом заминаи манқуртшавии ҷавононро фароҳам овардааст. Ин дар ҳолест, ки дар ҷомеаи мо пайваста дар атрофи Ислом баҳсҳову суҳбатҳои бешумор матраҳ мешаванд.

Барои ошкор шудани моҳияти амалиёти "Давлати исломӣ" лозим медонем, ки дар бораи он маълумоти мухтасар диҳем.

"Давлати исломӣ дар Ироқу Шом" (ДИИШ) созмони террористие мебошад, ки 15 октябри соли 2006 бо номи "Давлати исломии Ироқ" зимни нишасти чандин гурӯҳи мусаллаҳи ифротӣ таъсис дода шудааст. Ҳадафи он ташкили "Хилофати исломӣ" ва иҷрои шариат дар Ироқ ва Сурия мебошад. Дар ин зимн бояд гуфт, ки ҳоло доираи ҳадафи давлати ба ном исломӣ васеътар шудааст. Он қариб аз тамоми нуқоти олам аъзо дорад ва ҳадафи амалиёташ аз доираи давлатҳои арабӣ фаротар рафтааст.

Дар оғоз Абӯумар Бағдодӣ роҳбари он интихоб мешавад. Пас аз таъсисёбӣ аъзои ин гурӯҳ чандин амалиёти террористӣ анҷом додаанд.

Соли 2012 пас аз фавти Абӯумар Бағдодӣ роҳбарии гурӯҳ ба зиммаи Абӯбакри Бағдодӣ гузошта мешавад. Амалиёти террористӣ дар замони роҳбарии ӯ вусъат меёбад ва то кунун густариши рӯзафзун дорад.

Аз соли 2013 гурӯҳи мазкур "Давлати исломӣ дар Ироқу Шом" унвон гирифт ва доираи нуфузаш васеътар шуд. Баъзе коршиносон яке аз сабабҳои зиёдшавии нуфузи онро ҳимояву пуштибонии ҳомиёни минтақавиаш дар Сурия медонанд.

Феълан "Давлати исломӣ" лавозимоти зиёди ҳарбӣ дар ихтиёр дорад. Мувофиқи иттилои баъзе сарчашмаҳо ин лавозимотро аз ҳомиёни худ, ба хусус аз Арабистон ва Қатар дарёфт кардааст. "Давлати исломӣ" ҳудуди 15 ҳазор ҷанговар дорад, ки аз тамоми нуқоти олам гирд омадаанд.

Қатлу куштори ваҳшиёна кори маъмулии аъзои ин гурӯҳи харобиовар аст. Куштори бераҳмонаи занону кӯдакон низ барои онҳо амри маъмулист. Онҳо ба дини мубини Ислом аз зовияи ҷангу сиёсат менигаранд. Хеле таассуфовар аст, ки дар ин кушторҳои ваҳшиёна ва амалиёти террористӣ баъзе ҷавонони мо ҳам иштирок доранд. Онҳо мақсад гузоштаанд, ки ба домани гулпӯши ватани мо ҳам дасти хунини худро расонанд, ба домане, ки дар он ба камол расидаанду парвариш ёфтаанд.

Вобаста ба масъалаи мавриди назар бо коршиноси масъалаҳои динӣ Маҳрами Анварзод ҳамсуҳбат шудем. Номбурда суҳбатро чунин оғоз кард: "Мушоҳида ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ҳаракатҳои ифротӣ бо мурури замон низоми муташаккили сиёсӣ касб кардааст ва онҳо иддаои тағйир додани низоми давлатдорӣ дар кишварҳои мусулмониро доранд. Зери таъсири ақидаҳои ифротӣ андешаҳои ботил сохтани арзишҳои миллӣ ва дунявии ҷомеа шакл гирифта истодаанд. Иштироки шаҳрвандони тоҷик дар амалиёти ин гурӯҳҳо собит сохт, ки ҳадафи онҳо танҳо Ироқу Сурия нест".

Номбурда дар идома роҷеъ ба ҳаракати ифротгароӣ ва густариши он миёни ҷавонон изҳори назар кард: "Ҳамаи қувваҳои ифротӣ мекӯшанд халои маънавӣ ва фарҳангие, ки ҷомеаи давлатҳои пасошӯравиро фаро гирифта буд, пур намоянд ва ҷавононро барои пиёда кардани манфиатҳои худ истифода баранд. Дар ҷомеаи суннатии мо дин мавқеи намоён дорад. Барои ҳамин қувваҳои ифротӣ дар ҷомеа ба шакли дин ворид мешаванд. Бо пешрафти технологияи муосир гирифтани пеши роҳи ақидаҳои ифротӣ ва тундгароии динӣ душвор шудааст".

Ҳамзамон коршинос перомуни ДИИШ ва амалиёти террористии он ин тавр мулоҳиза ронд: "Баъзеҳо гумон мекунанд, ки ҷангиёни ДИИШ барои бунёди давлати исломӣ ва иҷрои қатъии аҳкоми шариат мубориза мебаранд, вале дар асл чунин нест. Дар асл чунин ҳаракатҳои ифротгаро падидаи сирф исломӣ нестанд, балки созмони сиёсишудае мебошанд, ки зери парчами ислом амал карда, бо ин роҳ ҳадафҳо ва манфиатҳои ғаразноки сиёсиашонро роҳандозӣ мекунанд".

Дар таблиғи ақидаҳои ифротӣ ташкилотҳои махсуси хориҷӣ дар минтақа манфиатдоранд ва ин андешаҳоро миёни ҷавонон таблиғ ва интишор мекунанд. Дар ин раванд ҷавононе, ки дар мактабҳои махсуси экстремистии хориҷӣ таҳсил кардаанд, метавонанд ширкат кунанд,- илова кард ҳамсуҳбати мо.

Рӯҳониён ва исломшиносон борҳо таъкид кардаанд, ки амалкардҳои аъзои "Давлати исломӣ", ки бо номи "ҷиҳод" анҷом дода мешаванд, бо исломи асилу ноб робитае надоранд. Дар натиҷаи амалиёти террористии онҳо хуни ҳазорҳо нафар бегуноҳ рехта мешавад, кӯдакон қурбон мешаванд ва занон ба ҳалокат мерасанд.

Маҳрами Анварзод ба ин масъала аз дидгоҳи динӣ назар андохта, чунин гуфт: "Агар ҳадаф ва ғаразҳои ҳаракатҳои ба ном диниро бо таълимоти Қуръон ва суннат муқоиса кунем, мебинем, ки онҳо созмонҳои сирф сиёсие дар либоси дин зуҳурёфта мебошанд. Дар ислом қатли занону кӯдакон, ҳатто дар вақти ҷанг ҳаром дониста шудааст.

Дар ҳадисе ривоят аз ибни Ҳишом омадааст: Дар ғазваи Ҳусайн асҳоб аз кушта шудани як духтар дар миёни мушрикон хабар доданд. Паёмбар аз ин сухан хеле нороҳат шуд. Асҳоб арз карданд, ки ё Расулаллоҳ, чаро нороҳат шудед, ӯ яке аз мушрикон ва куффор буд. Паёмбар (с) аз ин сухан хашмгин шуда гуфт: Инҳо аз шумо беҳтаранд, зеро ҳанӯз дар фитрати поки худ ҳастанд. Магар шумо фарзандони мушрикон набудед?! Ҳаргиз кӯдаконро накушед!

Мувофиқи таълимоти Қуръон куштани инсони бегуноҳ ва хуни ноҳақ рехтан яке аз гуноҳҳои кабира ба нобахшиданӣ махсуб мешавад. Худованд чунин мефармояд: Ҳар инсоне, ки барқасдона инсонеро мекушад, ҷазоиш ҷаҳаннам буда, дар он ҷо то абад хоҳад монд. Аллоҳ бар ӯ ғазаб ва лаънату нафрин карда, барояш азоби алимро муқаррар мекунад" (Қуръон, 4, 93).

Ояи 151-и сураи Анъом собит месозад, ки куштани инсони бегуноҳ дар ҳама динҳои осмонӣ мамнӯъ аст.

Дар ҳадисе Паёмбар (с) таъкид кардаанд: "Баъд аз ман ба куфр барнагардед ва ҳамдигарро накушед". Дар ин ҳадис Паёмбари ислом қотили мусулмони бегуноҳро ба куфр таъбир кардааст.

Дар ҳадиси дигаре Паёмбар (с) фармуда: "Худованд ҳамаи гуноҳонро меомурзад, магар касе, ки дар ҳолати ширк фавтад ва ё як нафар мусулмони бегуноҳро дониста бикушад".

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки ҷанговарони "Давлати исломӣ" пас аз рехтани хуни бегуноҳон ва бародарони мусулмони худ бо чӣ асосу далел даъвои ҷиҳод мекунанд ва худро муҷоҳид мешуморанд?!

Манқуртҳои мо, ки итоаткорона, бе идроку андешаи паёмади амали худ силоҳ ба даст гирифта, дар қатори онҳо меҷанганд, бешубҳа ба чоҳи ҷаҳолат афтодаанд ва дигар аз ин чоҳи амиқ берун кашидани онҳо хеле душвор аст, зеро касе, ки манқурт шуд, дирӯзу имрӯзи худро аз ёд мебарад ва андешаи фардо ба сараш намеояд. Ҷавонони дигар бояд бемороии онҳоро хуб ташхис кунанд ва ба хулоса оянд, ки он инсонро ба вартаи нобудӣ мерасонад.

Ҳоло мо бояд барои таҳдид накардани хатари манқуртшавӣ ба ҷавонони дигар тадбирҳои муҳим андешем.

Ба назари коршиноси масъалаҳои динӣ Маҳрами Анварзод барои сарбанд гузоштан ба роҳи сели андешаҳои ифротӣ низоми таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар бояд бештар рушд ёбад. Бояд дар дохили ҷумҳурӣ таълими асосҳои диншиносӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад. Ҷавонон бояд дар бораи ҳама динҳо иттилои муфассал дошта бошанд ва дар ин радиф арзишҳои миллию ахлоқии худро ҳифз кунанд.

**Толиби ЛУҚМОН**



Ҳаводиси охире, ки дар Фаронса ба вуқӯъ пайваст, нишон медиҳад, ки ҷаҳони муосир пешорӯи хатари ҷиддие қарор гирифтааст. Ин хатар бузургтар аз онест, ки бархе аз таҳлилгарон сарчашмаи онро сирф дарифротгаройии диниву мазҳабӣ мебинанд. Умуман, ҳодисаҳои фоҷиабори Парижро, ки президенти Фаронса Франсуа Олланд онро "ваҳшонияти бемислу монанд"номид, наметавон танҳо дар ҳошияи карикатураҳо алайҳи муқаддасоти мусалмонон ва ё амалиёти ҳарбӣ дар Ховари Наздик маънидод намуд. Он доираи васеи мушкилотро дар бар мегирад, ки мавҷуд будани онҳоро ба назар нагирифтан амалест душвор.



# БАРХӮРДИ ТАМАДДУНҲО

## Оё дар Аврупо хавфи ба сари қудрат омадани аҳзоби миллигарову фашистӣ вуҷуд дорад?

**ВАЗЪЕ,** ки имрӯз Аврупоро фарогир аст - буҳрони иқтисодӣ дар баъзе кишварҳои он, ҷорӣ намудани таҳримҳо алайҳи Русия зарар дидани истеҳсолкунандагони аврупоӣ такя бар ҳодисаҳои Украина, беназоратии муҳоҷират ва мушкилоти интегратсия, ё "ҳалшавии" онҳо дар ҷомеаи аврупоӣ нишон медиҳанд, ки гиреҳи мушкилот дар ин қитъаи пешрафтаиҷаҳон хеле печида аст. Амали террористии шаҳрванди норвежӣ Брейвик,ки ҷони даҳҳо нафарро рабуд, ҳуҷумҳо ба масоҷиди мусалмони дар Инглистон, гирдиҳамоиҳо алайҳи муҳоҷирати беназорат ва "исломишавӣ"-иҷомеа дар Олмон ва норозигии бархе аз сокинони бумӣ аз сиёсати муҳоҷиратии кишварҳояшон, аз ҷониби дигар, бетартибиҳо ва ҷиноятҳое, ки аз тарафи худи муҳоҷирон сар мезананд, баёнгари мураккабии вазъ дар пиёдасозии сиёсати муҳоҷиратии сойири кишварҳои минтақа аст. Акнун дар Аврупо оиди нокомии сиёсати пешгирифтаи "мултикултурализм", ба истилоҳ- "гуногунфарҳангият" сару садоҳо баланд шудаанд. Тарафдорони ақидаи нокомии ин сиёсат далелҳои қотеъ нисбати мавҷудияти "организми бегона"-ишумораи зиёди муҳоҷиронро дар фарҳанги аврупоӣ, таҳаммулнопазирии онҳо, бахусус дар масоили ақидавиро пеш меоранд. Тибқи ақидаи тарафдорони чунин фарзия, элитаи аврупоӣ бояд иштибоҳоти худро дар ин самт бар дӯши хеш гирифта ё сари ислоҳи он чора биандешад ё ин ки ҷилави ҳукуматдориро ба элитаи ҷадиди "ватандӯст" бисупорад. Манзур ҳизбҳои миллигарое мебошад, ки қисме аз онҳо тамоюли фашистидошта ҳастанд ва дар бархе аз кишварҳои минтақа рӯз то рӯз нуфузи зиёд пайдо намуда истодаанд.

Сababи маъруфият пайдо намудани чунин аҳзоби сиёсиро таҳлилгарон маҳз дар сиёсати нодурусти (тибқи ақидаи онҳо) милливу муҳоҷиратӣ, озодии аз ҳад зиёди гендерӣ ва таблиғоти "ҳаёти озод"-ҳамҷинсгароиву фоҳишагароии қонунӣ, истеъмоли озоди моводи мухаддир ва дур шудани аврупоиён аз фарҳанги суннатии насронӣ дар натиҷаи сиёсати либералии элитаҳои баъди Ҷанги Дуввуми Ҷаҳон дар Аврупо рӯйи кор омада мебинанд. Маҳз ҳамин "озодии сухан" буд, ки ба воқеаҳои ахири фоҷиабори Париж ( куштори кормандони рӯзномаи "Шарли Эбдо") оварда расонд. Ба хотир оварем, ки чанд сол қабл карикатураҳои Паёмбари исломро дар яке аз рӯзномаҳои Дания, ки бисёр рӯзномаҳои аврупоӣ, аз ҷумла ҳамин "Шарли Эбдо" низ нашр карда буданд, чӣ гуна дар соири кишварҳои мусалмонӣ боиси эътирозҳои сахти мардум гаштанд, ки ҳатто Британияи Кабир маҷбур шд барои бехатарӣ сафоратхонаи худро дар Теҳрон муваққатан бубандад. Ба қавли коршиноси рус Наталя Нарочнитская, ин амал (ҳуҷум ба рӯзноманигорон) як чизи табиист,ки паёмадаш маълум буд ва муҳтавои чунин сиёсату чунин матбуот на озодии сухан, балки озодии таҳқир аст, ки муқаддасоти зиёда аз якуним миллиард сокинони сайёраро поймол мекунад. Дар ин радиф мафҳуми "озодии сухан" то андозае нозукӣ ва муракаббияти хосеро дорост, алалхусус дар масоили ақидатии мазҳабӣ. Тариқи мисол, дар Аврупо маҳз дар Фаронса шумораи аз ҳама зиёди муҳоҷирони мусалмон (аз 5 то 6 млн.) зиндагӣ мекунанд ва теъдоди онҳо рӯ ба афзоиш аст. Асли баромади қисми ғолиби онҳо кишварҳои Шимоли Африқо, яъне мустамликаҳои собиқи фаронсавист. Таҳлилгарон меафзоянд, ки дар сатҳи равонӣ бештари ин муҳоҷирон нисбати фаронсавиёни бумӣ чун "хӯҷаинони" пешинаи худ он қадар назари хайрхоҳ надоранд. Аз ҷониби дигар, аз лиҳози иҷтимоӣ осебпазирии муҳоҷирон -нақзи ҳуқуқҳои онҳо аз ҷониби аҳолии бумӣ, камсаводӣ,бо кори дилхоҳ таъмин набудан, майл надоштани қисми зиёди онҳо ба тарзи зисти аврупоӣ, яъне нопазироии тамаддуни бумӣвазъро печида сохтаанд. Чунин вазъ танҳо хоси Фаронса нест, ин проблемаи муштараки қитъавист. Масалан, дар Британияи Кабир нисбати зиёд гаштани шумораи муҳоҷирон, бахусус муҳоҷирини мусалмон ва дар баъзе мавзеҳои он пайдо шудани "пулиси шариатӣ", сатҳи ҷинояткорӣ аз ҷониби афроди ғайрибумӣ бонги хатар мезананд. Дар Испанияву Итолиё оиди фавҷи бузурги муҳоҷироне, ки бештар аз манотиқи қашшоқи Африқову минтақаҳои ҷангзадаи Ховари Наздик ҷони худро зери хатар гузошта, тариқи хушкиву роҳҳои баҳрӣ (баъзе дар роҳ мефавтанд) барои зиндагии осуда вориди Аврупо мегарданд, боиси норозигии сахти қисме аз сокинон мегардад. Ба ақидаи онҳо, ҳукуматҳои кишварҳояшон оиди ҳалли ин мушкилот чораандешӣ зарур намекунанд.

Зикр бояд намуд, ки маҳз дар Аврупо имрӯз шумораи зиёди афрод ва ташкилотҳое, ки дар дигар кишварҳо террористиву ифротӣ дониста шудаанд, паноҳгоҳёфтаву зиёда аз ин, то ин замон озодона ба таблиғот машғул буданд. Дар ин радиф қонуни "стандартҳои дугона" ҳукмронӣ дошта, ба он ҷомаи "озодӣ" пӯшонидаанд. Масалан, қумандони собиқи ҷудоихоҳони чечен- Аҳмад Закаев, ки дар Русия ҳамчун ҷинояткори ҳарбӣ мавриди ҷустуҷӯқарор дорад, дар Бритониё мақоми "фахрии" гурезаи сиёсиро касб намудааст. Ва ё ин ки созмонҳои дар бисёр кишварҳои исломӣ мамнӯи ифротӣ, аз қабили салафия ва амсоли инҳо имрӯз дар Аврупо озодона амал намуда, ихтиёриёнро аз шумори аврупоиёни асли баромадашон муҳоҷир ва бумӣ ба ҷабҳаҳои Сурияву Ироқ ва дигар нуқтаҳои даргир мефиристанд. Қароргоҳҳо ташкилотҳои ифротии мазҳабӣ дар Лондону Парижу Берлин қарор доштаанд, на дар Душанбеву Бишкеку Ишқобод. Чунин мисолҳо зиёданд. Ва оне, ки имрӯз Аврупо низ дучори ҳамлаҳои террористӣ гаштааст, мақоли маъруфи "аз мост, ки бар мост"-ро ба хотир меорад, чун агар ба таърих назар афканем, дар пайдо гаштани ташкилот ва гурӯҳҳои ҷангии исломӣ маҳз хадамотҳои махсуси аврупоӣ дар ҳамкорӣ бо хадамотҳои амрикоӣ даст доштаанд. Ин пинҳонӣ нест ва кайҳост моли таърих шудааст. Ҳадаф аз ташкилу машқ додани чунин гуруҳҳо истифодаи онҳо зери ливои "ҷиҳод" алайҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хамчун кишвари "бехудову кофир" дар Афғонистону дигар манотиқ буд. Ва акнун, ки солҳост давлати Шӯравӣ рӯи харитаи ҷаҳон вуҷуд надорад, ҳудуди "дор-ул-ҳарб"-и чунин гуруҳҳо Аврупову Амрико шудаанд. "Рӯихат"-и эътирозу норозигии чунин гуруҳҳо дароз аст; дар ҳолати ғуломии мустамликавӣ нигоҳ доштани кишварҳои мусалмонӣ, ғорати чандинасраи сарватҳои табиии онҳо, амалиётҳои ҳарбӣ ва шумораи зиёди кушташудагон дар мамолики исломӣ,таҳқири муқаддасоти динӣ, фарқияти чаҳонбинӣ, фарҳанги ахлоқиву маданӣ ва амсоли инҳо - ҳамаи он чизе, ки ҳанӯз дар қарни гузашта коршиноси маъруфи амрикоӣ Хантингтон "бархӯрди тамаддунҳо" номида буд. Рӯи кор омадани ташкилотҳое чун Ал- Қойидаву Давлати Исломии Ироқ ва Шому амсоли инҳо маҳз фарқияти бузурги тамаддун ва ҷаҳонбинист. Ба андешаи ифротгароёни исломӣва бисёре аз муттафакирону таҳлилгарони аврупоӣ имрӯз Аврупо ба буҳрони амиқи фарҳангиву ахлоқӣ печидааст, ки ин омил- антагонизми (зиддияти) олами ислом ном дорад, ки бештар анъанавию суннатист ва Ғарбро боз ҳам пурзӯртар сохтааст. Вобаста ба ин ва гуфтаҳои боло, баъзе аз коршиносон андеша доранд, ки миёни ҷомеаи аврупоӣ тамоюли муҳоҷир ва исломбадбинӣ, ба истилоҳ "исламофобия" боло хоҳад гирифт. Сарвазири Исроил Бенямин Нетаняҳу, бо такя бар ҳаводиси аҳир, ифротгароии исломиро хатари бузургтарини чаҳони муосир номида, изҳор дошт, ки мақсади исломиён "нест кардани тамаддуни ғарбӣ ва яҳудиён" буда, бояд дастҷамъона алайҳи ин зуҳурот мубориза бурд. Вагарна "ин ҳоло гулҳои ин дарахт ҳаст, ки меваашро дар оянда хоҳем чашид"-афзудааст ӯ. Гарчанде Олланд ҳангоми муроҷиаташ ба миллати Фаронса таъкид сохт, ки миёни исломy ифротгароӣ фарқу фосилаи зиёд вуҷуд дорад, интизор меравад,ки ҳамакнун назорату фишороварӣ сари муҳоҷирони мусалмон бамаротиб зиёд хоҳад гардид.

Коршиносон меафзоянд, ки хатарҳои муосире, ки лобалои ҷомеаиҷаҳонӣ, минҷумла аврупоӣ аз қабили ифротгароии диниву мазҳабӣқарор гирифтааст, барои соҳибнуфуз гардидани ҳизбҳои миллигарои фашистмаоб заминаи мусоидро фароҳам месозад. Аллакай имрӯз дар китъа кӯшишҳои дигаргуна шарҳ додани натиҷаҳои Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ аз ҷониби элитаи баъзе кишварҳо дида мешавад. Арсений Ятсенюк, сарвазири ҳукумати ҷадиди Украина ҳангоми сафари қарибулвуқӯи худ ба Олмони Федеролӣ изҳор дошт, ки дар ин ҷанги ҷаҳонӣ "Иттиҳоди Шӯравӣ ба сифати таҷовузгар амал намуда, зидди Украинаву Олмон ҷангидааст". Вазорати корҳои хориҷии Русия дарҳол оиди ин изҳорот вокуниш нишон дода онро "таҳқири ёди курбониёни ин ҷанг" ва "вандализми таърихӣ" номида, тааҷуби худро аз набудани вокуниш аз ҷониби шахсони расмии Аврупо изҳор дошта, ин амалро зери интиқод гирифт. Имрӯз дар Украина афроде чун Шухевичу Степан Бандераву дигарон, ки дар таърихи шӯравию пасошӯравӣҳамчун ҷинояткорону саркардаҳои фашизм шинохта шудаанд, мақоми "қаҳрамонони миллӣ"-ро касб намудаанд. Дар Фаронса боло рафтани нуфузи Марин Ле Пен- сарвари ҳизби Фронти (Ҷабҳаи) Миллӣ, дар Ҳолланд Герд Вийлдерс, ҳамчунин дар Шведсияву дигар кишварҳо маъруфият пайдо намудани аҳзоби рӯҳияи зиддимуҳоҷирдошта гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки сиёсати либералии кишварҳои минтақаро имтиҳонҳои ҷиддӣ дар пеш интизор аст. Ва акнун дар Аврупо оянда ғояҳои либераливу таҳаммулпазириву инсондӯстӣё радикализми(ифротгароии) миллигаро ғалабахоҳанд кард ва таҳаввулоти ахир дар равони сокинони ин қитъаи пешрафтаи олам чӣ гуна таъсиргузор будаанд, инро вақт нишон хоҳад дод.

**Азамат ДӮСТОВ**, *рӯзноманигор*

Минбари халқ
14 январи соли 2015,
№3 (982)

# ДАР РОМИТ ХОНАИ ЭКОЛОГӢ МЕСОЗАНД

**Имрӯзҳо дар тамоми нуқтаҳои ҷаҳон нишонаҳои тағйирёбии иқлим мушоҳида карда мешавад.**

Аз ҷумла, дар ҷумҳурии мо шумораи зиёди пиряххои хурду обшуда, гармшавии иқлим ба нашъунамо ва мавқеи паҳншавии олами набототу ҳайвонот таъсири худро расонидааст. Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ Фарҳод Раҳимзода дар нишасти матбуотӣ дар бораи чораҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим маълумот дода гуфт, ки яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия мебошад. Олимону мутахассисони Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нави назди Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ нерӯгоҳи офтобии дорои тавоноии 100 ватта сохта, аз озмоиш гузаронидаанд. Таҷҳизоти мазкур барои истифода дар хонаҳои истиқоматӣ, бӯстонсаройҳо, коттеҷҳо ба сифати манбаи эҳтиётӣ ва ё алоҳидаи таъмини барқ пешбинӣ шудааст.

Соли ҷорӣ дар дараи Ромит хонаи экологӣ сохта мешавад, ки он бо таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобию шамолӣ, обгармкунаки офтобӣ ва биогаз таъмин хоҳад гашт. Бо ин мақсад 1 гектар замин ҷудо шудааст. Ин як майдони таҷрибавӣ ва намунавӣ барои муаррифии иқтидору бартарии манбаъҳои барқароршавандаи энергия хоҳад шуд.



Фарҳод Раҳимзода гуфт, ки соли сипаришуда аз ҷониби кормандони муассисаҳои илмии Академияи илмҳои ҶТ 1392 кори илмӣ, аз ҷумла 138 китобу монография, маҷмӯаҳои илмӣ, брошюра, 1254 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 981 мақола дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ, 160 мақола дар маҷаллаҳои кишварҳои ИДМ ва 92 мақола дар маҷаллаҳои давлатҳои хориҷи дур ба табъ расиданд. Қариб 30 коркарди олимони Академияи илмҳои ҷумҳурӣ барои истифодаи амалӣ дар истеҳсолот пешниҳод гардидааст.

Соли сипаришуда дар мавзеи Кондараи ноҳияи Варзоб пойгоҳи хурди ҳозиразамони метеорологӣ насб гардид. Пойгоҳи мазкур имкон медиҳад, ки ба таври таъҷилӣ ва бо саҳеҳияти баланд ҳарорат, намнокии замин, шиддатнокии нури Офтоб, миқдори боришот, суръати шамол, дарозии рӯз ва ғайра дар реҷаи "онлайн" чен карда шаванд.

Яке аз ҳодисаҳои муҳими соли сипаришуда таъсиси Парки технологӣ мебошад, ки он бо мақсади пайванди илм бо истеҳсолот бунёд шудааст. Ҳамчунин боми расадхонаи "Санглох" аз таъмир баровarda, 2 телескопи он фаъол гардонида шуд. Соли гузашта Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсияи назди Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ ба фаъолият шурӯъ намуд.

С. СУННАТӢ

# 31 НАМОИШГОҲ ДАР ЯК СОЛ

Бо ташаббуси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурӣ соли 2014 дар мамлакат 31 намоишгоҳ, ярмаркаҳои миллию байналмилалӣ, 26 бизнес-форум ва мулоқоти доираҳои соҳибкории ватанию хориҷӣ доир гардид. Дар ин муддат раиси Палатаи савдо ва саноати ҷумҳурӣ Шариф Саид бо президенти ширкати "Huate" (Чин) Ден Веншен (дар соҳаи савдои электронӣ, иттилоотикунонӣ), президенти ПСС "Ар Риёз" Абдураҳмон ибни Абдуллоҳ Замил, директори барномаи Рушди СММ Наримаса Шиномура, дабири кулли ПСС Малайзия Мустафо Муҳаммад, дар маҷмӯъ 12 тафоҳумномаву созишнома имзо намуд.

-Дар Тоҷикистон ашёи хом барои рушди саноати сабук фаровон аст,-гуфт Шариф Саид дар нишасти матбуотӣ.-Аз ин рӯ, мо зимни мулоқот бо сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод мекунем, ки корхонаҳои саноати сабук бисозанд. Чунончи, ҳангоми вохӯрӣ бо соҳибкорони шаҳри Бурсаи Туркия тоҷирони турк ба амалисозии лоиҳаҳо дар бахшҳои саноати сабуку дӯзандагӣ, сохтмон ва сайёҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Соли сипаришуда дар Палата 366 вохӯрӣ доир гардид. Мавзӯи ҳар як вохӯрӣ рушду таҳкими робитаҳои Тоҷикистон бо мамолики хориҷиро дар бар мегирифт. Масалан, дар мулоқоти Шариф Саид бо сафири Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Дидйер Леруа таъкид гардид, ки барои густариши бештари робитаҳо дар бахшҳои ҷалби сармоя ва технологияи муосир, бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсоли дору аз гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон, маҳсулоти ороишию атторӣ, рушди инфрасохтори сайёҳию кӯҳнавардӣ имконоти зиёд мавҷуданд. Ҳамчунин дар кишвари мо обҳои шифобахши радону оҳандори "Хоҷа Обигарм", "Обигарм", "Шоҳамбарӣ", "Гармчашма", "Авҷ" ва ғайра мавҷуданд, ки бунёди инфрасохтори мувофиқ барои баҳрабардории босамари байналмилалӣ аз онҳо заминаи хубе барои густариши робитаҳои дуҷониба буда метавонад.

Шариф Саид иброз дошт, ки ба наздикӣ сомонаи нави Палата бо се забон (тоҷикӣ, англисӣ, русӣ) мувофиқи талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ба фаъолият оғоз хоҳад кард.

С. САЙФИДДИН

# МАРГИ МОДАРУ КӮДАК КАМ ШУД

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ Нусратулло Салимзода дар нишасти матбуотӣ изҳор намуд, ки соли 2014 бо дастуру ҳидояти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Варзоб қарор дорад, Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии ноҳияи Данғара, Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷиликӯл, шуъбаҳои таваллуд, ҷарроҳӣ ва наҷоти беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Хуросон ва Ёвон ба фаъолият шурӯъ намуданд.

-Ҳукумати мамлакат уҳдадор шудааст, ки то соли 2015 фавти кӯдаконро аз се-ду ҳисса ва фавти модаронро аз чор-се ҳисса кам кунад, - гуфт Нусратулло Салимзода - қобили таъкид аст, ки тайи даҳсолаи охир фавти кӯдакон 2,5 ва модарон 3 маротиба кам шудааст. Соли 2013 дар ҷумҳурӣ 215000 таваллуд буд, зимни таваллуд 78 нафар фавтиданд. Соли 2014 бошад, шумораи таваллуд ба 231 000 нафар расида, теъдоди модарони фавтида 71 нафарро ташкил дод. Ҳарчанд ин рақам рӯ ба пастравӣ дошта бошад ҳам, моро қаноатманд карда наметавонад.

Моҳи сентябри соли гузашта маъракаи табобати кӯдакони маъюби гирифтори оқибатҳои бемории фалаҷ гузаронида шуд, ки дар натиҷаи он аз тарафи Корхонаи ортопедии шаҳри Душанбе 102 нафар кӯдакон бо ортезҳо таъмин гардиданд. Бо 30 нафар кӯдакони гирифтори бемории фалаҷ амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуд.

Бо дастгирии пайвастаи Ҳукумати мамлакат, ҷалби шарикон ва ҳамаи табақаҳои ҷомеа, вазъи бемориҳои сироятӣ дар кишвар мӯътадил ва идорашаванда гардидааст. Аз ҷониби мутахассисони Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва зерсохторҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба иҷроиши қоида ва меъёрҳои санитарию эпидемиологӣ дар иншооти зериназоратӣ санҷишҳо гузаронида шуда, барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳои санитарӣ фаъолияти 1678 иншооти гуногун мувакқатан боздошта шудааст.

Соли гузашта аз ҷониби 7 муассисаи давлатии хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон ва беморони руҳӣ ба 1360 нафар, аз он ҷумла 618 нафар занон, 742 нафар мардон ва 373 нафар кӯдакон хизматҳои иҷтимоӣ пешниҳод гардидаанд. Дар ин муддат ба маъюбони ҷумҳурӣ зиёда аз 500 адад аробачаи маъюбӣ, 1909 адад асо, 972 ҷуфт асобағал, 944 адад асо барои нобиноён, ба 80 нафар эҳтиёҷмандон ортез ва 86 адад курсичаҳои роҳгардӣ тақсим карда шуд.

Соли сипаришуда дар 120 иншооти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ корҳои сохтмонию таъмирӣ ба анҷом расонида, ҳамаи онҳо бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гаштанд.

С. СУННАТӢ



# КӮҲИ КАФТАРХОНА ПОЙБАРҶОСТ

**Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод, ки дар кишвар 1821 корхона ва 12670 иншооти зериназоратӣ ба қайд гирифта шуда, дар натиҷаи назорати техникӣ барои бартараф намудани камбудиҳо ва қонунвайронкуниҳо 910 нишондод бо дарҷи 4167 банд ба роҳбарони муассисаҳо пешниҳод шудааст.**

**Ба роҳбарияти 40 корхона, аз ҷумла, Ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуди "Шоҳроҳ" (н.Ҳисор), "Шангдон" (н. Рӯдакӣ), "Амон" (ш. Исфара), корхонаи воҳиди Экспедитсияи иктишофӣ-геологии Моғиён ва дигарон нишондод оид ба қатъ кардани фаъолият пешкаш гардид.**

**Шахсони масъули коргоҳҳо ба маблағи 104640 сомонӣ ҷаримабандӣ карда шуданд. Кормандони Хадамот 16 ҳодисаи нохушро, ки ҳангоми иҷрои корҳо дар саноат ва корҳои кӯҳӣ рух додаанд, мавриди таҳқиқи техникии махсус қарор додаанд.**

**Сарвари муассиса бар он аст, ки бехатарӣ дар саноат ва конҳо бештар мегардад. Дар ин робита дар шумораи №52 нашрияи "Минбари халқ" мақолаи Суғдмеҳр Маъруфзода таҳти унвони "Кӯҳи Кафтархона пойбарҷост?" дар хусуси омилҳои лағжиши кӯҳ дар мавзеи Ҷиҷикрӯд ба табъ расида буд. Оид ба вазъияти имрӯз сарвари Хадамот муфассал шарҳ дода чунин гуфт:**

**-Ярч дар мавзеи 89-91-ум километри шоҳроҳи Душанбе -Чанок омили табиӣ дошта, ба миқдори зиёди боришоти барфу борон дар минтақа вобаста мебошад, мутахассисон ба он ҳанӯз солҳои 60-ум ишора карда буданд. Аз ҷумла, маълум гардид, ки то соли 2013 таркишҳо зиёд ва дар ҳаҷми хеле калон иҷро мегардад. Хадамот ин ҳодисаро низ фавран мавриди таҳқиқи техникӣ қарор дода, сарварони муассисаҳои иктишофиро вазифадор кардааст, ки корҳои таркиширо дар қабати болоии кӯҳ кам ва дар ҳаҷми маҳдуд иҷро намоянд. Ҳоло иҷрои корҳо танҳо дар ҳудуди 1,5-1,75 тонна маводи тарканда рухсат дода шудааст. Умед аст, ки бо ин тартиб ва амалиёти дигари таҳкимкунанда лағжиши минбаъдаи кӯҳ пешгирӣ мегардад.**

**Як хабари хуш он буд, ки дар нақби Истиқлоли Анзоб қисми зиёди корҳо анҷом ёфта, қисми зиёди нақби ҳаводиҳӣ, қубурҳои нави обгузаронӣ ба истифода дода шуданд, корҳои сементкунонӣ, рӯшноидиҳӣ ва ғайра авҷ гирифтаанд. Нақб то моҳи ноябри соли 2015 комилан барқарор хоҳад гашт.**

Ҷ. ҚУДДУС

# Тоҷикстандарт: КАФОЛАТ 3 СОЛ

**Бахтиёр Шукурзода, директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои мамлакат зимни эроди хабарнигори "МХ" оид ба масъалаи аз ҷониби фурӯшандагон кафолат надодани сифати молу маҳсулот дар бозори истеъмолии кишвар таъкид менамояд, ки бояд дар асоси талаботи амалкунанда ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ба ҳама молу маҳсулот аз ҷониби соҳибкороне, ки ба фурӯши маҳсулот сару кор мегиранд, ба мизоҷон ҷиҳати истифодаи он ба муддати се сол кафолат пешниҳод намоянд.**

**БА** саволи дигари мо, ки ғолибони озмуни ҷумҳуриявии "Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" кадом имтиёзҳо дода мешавад, посух дода шуд, ки дар радифи реклама намудани молу маҳсулот ва андӯхтани таҷрибаи кофӣ ширкатҳои дорои шиносномаи ғолибияти ин чорабинии сатҳи умумиҷумҳуриявӣ аз ҳама гуна санҷишҳо озод карда мешаванд.

Ҳамчуноне аз маълумоти мақомоти Тоҷикстандарт бармеояд, баробари назорати доимии бозори истеъмолӣ ва сифати молу маҳсулоти ба ҷумҳурӣ воридшаванда баррасии саривақтии арзу шикоятҳои истеъмолкунандагон дар Агентии Тоҷикстандарт зери назорати доимӣ қарор дошта, ҳамеша талош мешавад, ки онҳо ҳалли мусбати худро ёбанд. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз самтҳои муҳими фаъолияти ҳар як корманди агентӣ буда, ба иҷрои бечуну чарои он диққати асосӣ дода мешавад, зеро танҳо бо роҳи мунтазами назорати давлатӣ пурра тоза нигоҳ доштани бозори истеъмолӣ аз молу маҳсулоти пастсифат ва ё ғайристандартӣ имконнопазир аст.




Дар нишаст бори дигар таъкид гардид, ки баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва муроҷиати ҳарчи бештари истеъмолкунандагон ба раванди назорати воридот ва истеҳсоли молу маҳсулот мусоидат намуда, ба тоза намудани бозорҳо ва марказҳову нуқтаҳои савдо аз маҳсулоти ғайристандартӣ мусоидат карда метавонад.

Мутаассифона, қонунвайронкунӣ аз ҷониби соҳибкорон рӯ ба пастӣ намеоварад. Дар соли 2014 барои риоя накардани қоидаҳои савдо, талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ, истифодаи воситаҳои ченаки корношоям, воридоту истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ғайристандартӣ ва риоя накардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар 2 ҳазору 988 ҳолат шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маблағи 717 ҳазору 660 сомонӣ ҷарима шудааст, ки гувоҳи то ба имрӯз нодида гирифтани талаботи қонунҳои амалкунандаи мамлакат мебошад, хулоса гардид, дар нишаст.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# СОЛИ 2014 68 НАФАР АЗ ОЗОДӢ МАҲРУМ ШУДААНД

**Соли гузашта дар тамоми зинаҳои судӣ 125 ҳазору 284 парванда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин ҳисоб нисбат ба 6714 парванда шикоят расида, 416 парванда бекор шудааст.**

**РАИСИ** Суди Олии ҷумҳурӣ Нусратулло Абдуллозода дар нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон ҳамзамон иттилоъ дод, ки дар ин муддат 68 нафар аз озодӣ маҳрум шуда, 10 кас ҷарима, 1 шахс ба корҳои ислоҳӣ таъин, 1 нафар бинобар сабаби гузаштани муҳлат аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод ва нисбати 1 нафар шартан ҷазо татбиқ шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Суди Олии ҷумҳурӣ 2 ҳазору 350 арзу шикояти мардум ва эътирозҳо ворид гардиданд, ки 2 ҳазору 188-тои он бо омӯзиши 1089 парванда ҳал гардида, айни ҳол 162 шикоят мавриди баррасӣ қарор дорад. Аз миқдори шикоятҳои ҳалгардида, 957-тои он парвандаи гражданӣ, 386 оилавӣ, 802 ҷиноятӣ ва 43 парванда вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад.

Хабар дода шуд, ки Суди Олӣ ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2009 "Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводи танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма" дар соли гузашта 46 мақола мавриди омӯзиш қарор гирифта, нисбат ба ҳар кадоми онҳо, ба муаллифону рӯзномаҳо, аз ҷумла 4 ҷавоб ба нашрияи "Минбари халқ" гардонида шудааст.

**А.ҶӮРА**



**Варзиш қосиди сулҳ буда, яке аз воситаҳои беҳтарини ба ҳам қарин шудани давлату миллатҳо ба шумор меравад. Як қатор варзишгарони тоҷик ҳанӯз дар даврони шӯравӣ бо маҳорату чолокии худ соҳаи варзиши мамлакатро шуҳратёр гардонида буданд.**

# БОРГОҲИ ОМОДАСОЗИ ВАРЗИШГАРОНИ БОЛАЁҚАТ

**АЗАЛШОҲ** Олимов, Саидмуъмин Раҳимов, Иброҳим Ҳасанов, Зебунисо Рустамова, Андрей Абдувалиев ва дигарон чемпиони Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон гашта, миллати моро муаррифӣ кардаанд. Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов боргоҳи омодасозии варзишгарони болаёқат мебошад. Ректори донишкадаи мазкур Шодӣ Сафаров дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки имрӯз дар ин муассисаи маълумоти олӣ тибқи барномаи таълимӣ ба шогирдон 28 намуди варзиш таълим дода мешавад. Барои машқу тамрини варзишгарон 12 толору майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст. Варзишгарони намоён Саидмуъмин Раҳимов, Дилшод Назаров, Андрей Абдувалиев, Расул, Рустам ва Алишер Боқиевҳо, Гулсара Додобоева, Фирӯза Зубайдова, Мавзуна Чориева, Албина Камолиддинова, Парвиз Собиров, Муҳаммад Абдураҳмонов ва даҳҳо дигарон дастпарварони ҳамин донишкада мебошанд.

Соли ҳафтум аст, ки дастаи яккачини волейболбозони донишкада зери роҳбарии ноиби ректор оид ба варзиш Саидаҳмад Баҳриддинов, Мураббии шоистаи Тоҷикистон Ҳусейнҷон Давлатов, Корманди шоистаи варзиши ҷумҳурӣ Раҳматулло Нуров ғолиби ягона дар мамлакат мебошад.

Дар давоми ду соли охир дар ҳудуди донишкада ва боғи "Ғалаба"-и шаҳри Душанбе 5000 бех ниҳоли дарахтони гуногун шинонида шуд. Инчунин дар донишкада майдонҳои замонавии футбол, баскетбол, осорхона ва маркази нави компютерӣ таъсис ёфта, барои 4000 ҷойи нишаст болои варзишгоҳҳо пӯшонида шуд.

Шодӣ Сафаров Фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ"-ро хеле саривақтӣ шумурда, зикр намуд, ки ин иқдоми Сардори давлат варзишгаронро дилгарму рӯҳбаланд хоҳанд намуд.

Таъсиси Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураббиёну варзишгаронро водор месозад, ки масъулияти баланд ҳис карда, қуллаҳои баланди варзишро фатҳ намоянд.

**С. САЙФИДДИН**

Шаҳрдорӣ

# Мушкилоти манзилҳои иҷора

*Имрӯз шаҳрвандоне, ки аз ноҳияҳои дуру наздики кишвар ва аз хориҷ барои таҳсил, кор ва дигар мақсадҳо ба пойтахт меоянд, бештар дар иҷора менишинанд.*

**СОЛҲОИ** охир барои идомаи таҳсили баъдидипломӣ аз кишварҳои хориҷ низ теъдоди зиёди муҳассилин ба Тоҷикистон меоянд

Шояд сабаби асосӣ афзоиши теъдоди донишҷӯён дар пойтахт ва кам будани хобгоҳҳои муассисаҳои таълимӣ бошад.

Дуюм, касони иҷоранишин онҳоянд, ки барои пайдо кардани кор аз ноҳияҳои дур ба пойтахт меоянд. Ва бештари иҷорашинон аз гаронии нархи иҷора ҳамеша изҳори нигаронӣ мекунанд.

Ман ва апаам ҳамроҳи шавҳараш ва духтарчаи 2-солааш 3 сол аст, ки иҷоранишинем. Апаам хонашин ва шавҳараш коргари давлат аст. Мо ҳар моҳ 200 доллари амрикоӣ ҳаққи иҷораро пардохт мекунем, бар замми ин маблағи барқ, об ва партовро низ медиҳем. Соҳиби хона шарт гузошта буд, ки сари моҳ 200 доллар супорем, аммо ним моҳ нагузашта, аз мо 250 доллар талаб намуд. Маҷбур будем ба шартнома розӣ шавем, чунки зимистон ҳавои он сард шуда, натавонистем ҷойи дигар равем. Як ҳолати ногувор ин аст, ки кадом вақте соҳибхона хоҳад, моро аз хона берун мекунад.

Ба андешаи иҷорадиҳандагон, иҷорадиҳии хонаҳо ба ғайри даромад чанд тарафи манфӣ низ дорад.

Мунира Машрабова мегӯяд: "Ман 5 сол аст, ки хонаамро ба иҷора мондаам. Бинобар ин ҳар сол бо ҳар гуна одамон рӯ ба рӯ мешавам. Хонаамро иҷора мегузорам ва ҳар сол 1 маротиба онро таъмир мекунам. Бо чунин иҷоранишинон ҳам рӯ ба рӯ гаштам, ки бо мо то 6 моҳ шартнома бастанд, аммо 3 моҳ нагузашта хабарашон омад, ки аллакай дар шаҳри Маскав ҳастанд ва шартномаи мо, ки лафзӣ буд, аз ин сабаб мо ҳеҷ кор карда натавонистем".

Инро бояд зикр намуд, ки нархгузории иҷораҳо дар гӯшаҳои шаҳр гуногун аст, дар маркази шаҳр нархи иҷораи хонаи 3 ҳуҷрагӣ ба 800 доллар баробар аст. Албатта бо ин нарх бештар хориҷиҳо ризо мешаванд.

Ба фикри мо, пеш аз ҳама танзими ҳуқуқии иҷоранишинӣ, нархгузорӣ, баъдан зиёд намудани хобгоҳҳо барои донишҷӯён ва пешгирии болоравии нархи манзил дар шаҳри Душанбе метавонад ин мушкилиро ҳал кунад.

**Сафинаи МАМАДАМИН**

# НЕРӮИ ТЕЛЕВИЗИОН



### РИСОЛАТИ "ОИНАИ НИЛГУН"-И ЗАМОНИ ГУЗАШТА

Телевизионро ба таври рамз метавон оина номид. Оинае, ки ҳамарӯзаву ҳамасоат дар худ ҳама чизро барои омма инъикос карда метавонад. Як замоне ибораи "оинаи нилгун" хело ҳам серистифода буд. Оинаи нилгун як муродифи серистеъмоли телевизион ба ҳисоб мерафт. Сабаби ин барои насли нисбатан калонсоли имрӯза маълум аст. Дар замони шӯравӣ вобаста ба шароит зиёда аз навад фисади одамон аз телевизионҳои ғайриранга (чернобелый) истифода мебурданд ва экранҳои телевизион ҳама кабудранг буданд. Имрӯз ибораи мазкур хеле камистеъмол аст. Зеро акнун оинаҳо (телевизиорҳо) ҳамагӣ рангаанд ва баръакси замони шӯравӣ 90 фисади одамон аз телевизионҳои ранга истифода мебаранд. Вақте ки оинаи нилгун мегӯем, дар ҳақиқат замони шӯравӣ ба ёд меояд. Агар ин як сабаби ба телевизион додани чунин як номи сифатӣ дар мувофиқат ба авзои ҷомеаи даврони алоҳида бошад, аз ҷониби дигар шояд кашшофи ин ибора ишора ба дарёи Нил менамуд, ки он тӯлонитарин ва бузургтарин дарё дар ҷаҳон аст, ки ҳудуди даҳҳо сарзаминро убур менамояд. Шояд телевизиони он замон монанд ба дарёи Нил карда мешуд, ки он кабуду софу тӯлонироҳ аст ва дар рӯи мавҷҳои ороми он миллионҳо нафар акси худро медиданд. "Оинаи нилгун" бо хусусияти "эзопӣ"-и худ бори ҳамин маъниро ба дӯш дошт. Дар хонаи дилҳо маскан ёфта буд ва рисолатҳои бузургро анҷом медод.

### ДАРЁФТИ ЭЪТИМОД

Дар бораи барномаҳои телевизионии имрӯзаи кишварамон андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Махсусан телевизионҳои давлатӣ дар баробари тавсиф, гоҳо мавриди танқид низ қарор мегиранд. Кам будани рӯҳияи иҷтимоии барномаҳо, қолабиву якнавохт будани барномаҳо ва ҷой надоштани нигоҳи интиқодӣ дар эҷоди кормандони он мавриди мазамматҳо қарор мегиранд. Албатта, кор бе нуқсон вуҷуд надорад, аммо андешаи кофӣ набудани рӯҳияи иҷтимоии барномаҳоро ба таври қотеъ наметавон ҷонибдор гашт. Сарфи назар аз таъиноти идеологӣ дар ин телевизионҳо ҷилои ҳунару маҳорати журналистӣ ба назар мерасад. Ба таври мисол чанд соли охир дар фаъолияти шабакаи якуми ТВТ унсурҳои баланд гаштани касбияти журналистӣ падидор аст. Махсусан "ҷиддият" дар барномаи "Ахбор"-и ин шабака торафт меафзояд. Пӯшида нест, ки мардум ба саҳифаҳои ин барнома бо рағбат менигаранд. Шумораи алоқамандону муштоқони барномаҳои алоҳида, аз ҷумла ахборӣ рӯз ба рӯз зиёд мешавад. Зеро дар онҳо мавзӯъҳои мубрами иҷтимоӣ пайгирӣ карда мешаванд. Танқиду ҷуръати журналистон боло меравад. Мо таҳлили маҷмӯии мавзӯъҳои иттилоотиро сарфи назар менамоем ва ин ҷо фақат ба як шумораи барномаи "Ахбор" таваҷҷуҳ хоҳем кард. Шабакаи якуми ТВТ дар барномаи "Ахбор"-и телевизион дар таърихи 27-декабри соли 2014 аз чор мавзӯи интиқодӣ истифода бурд. Якум наворҳои журналист аз роҳи вайронаи пурлою вайронаи кӯчаи Саидалӣ Вализодаи ноҳияи Шоҳмансур ба роҳ гузошта шуд. Дуюм аз кӯчаи Маяковскии пойтахт ғарами партовҳои ифлоси роҳро бандкунанда намоиш дода шуд. Саввум аз хидмати кормандони гумрук мисол оварда шуд, ки қочоқкунандагони маводи тарфӣ ба даст афтода буданд. Ҳамчунин аз вилояти Суғд навори дигар доир ба ҳамин мавзӯъ баррасӣ гардид. Дар ҷар кадоме аз гузоришҳо хабарнигорон дар асоси фактҳои пешниҳодгашта хулосарониву таҳлилҳои кӯтоҳро ба роҳ мемонданд, ки ин комёбии журналист ба ҳисоб меравад. Аз ҳама асосӣ он буд, ки танқиду гилаҳо самт ва нишонӣ (адрес) доштанд. Бояд гуфт, ки баррасии масоли доғ ва ба масъулият даъват кардани ашхоси мувоззаф боиси умедвориҳову мӯҷиби баланд гаштани эътимоди омма нисбат ба як дастгоҳи бузурги таблиғу ташвиқи ҷомеа аст.

### ТАНҚИДИ "ФОИДАОВАР"

Дар оғози барфҳои аввалини имсола дар аввалҳои моҳи декабр бо ронандае суҳбат доштем, ки дар роҳи ағбаи Шар-шар бо сабаби боридани барф ва душворгузар гаштани роҳ азоб кашидааст.

-Хайрият, ки ҳамин журналистон танқид карданду роҳ ба таври очилӣ аз барфу ях тоза карда шуд ва ҳаракати бехатар таъмин гардид. - хулоса намуд ӯ. Дар ҳақиқат ҳамон шабу рӯз тариқи сатри равон дар Шабакаи аввал фаъолияти нокофии Вазорати нақлиёт дар доираи як ҷумла танқид гардида буд.

Аз суҳбати чанд нафар намозгузори назди як масҷиди шаҳр мешунидем, ки раҳмат ба телевизион мегуфтанд. Аз он ҷиҳат, ки тариқи барномаи "Ахбор" навори танқидие дар бораи қатори бенизоми нақлиёт, ки боиси тамбашавии роҳи мошингард гашта буд, намоиш дода шудааст. Акнун кормандони БДА намегузоранд, ки ин бенизомӣ ба вуҷуд ояд ва акнун аз ғавғову роҳҳои баста нишон нест.

Сару садоҳои зиёд ва таҳлилу маломатҳои бешуморе дар мавриди пахши наворҳои алоҳида дар бораи рафтори баъзе муллоҳои ҷодугар дар ҷомеа ба вуҷуд омад. Аксарият гуфтанд, ки он натиҷаи нек надорад. Аммо таъсир ба афкор аз меҳвари манфиати умум ҳеҷ вақт бенатиҷа нест. Ҷои инкор нест, ки бо пахши мавод доир ба ин мавзӯъ имрӯз дар ҷомеа дар бораи фолбину муллоҳои ҷодугар чи гуна хулоса пайдо гаштааст. Марази ҷомеа будани онҳоро маҳз телевизион ошкор кард. Яъне танқид самар дорад ва телевизион бо сареияту фаврият метавонад, ки самти афкорро тағйир диҳад.

### ДАР ОРЗУИ "РАНДА"

Барномаи "Ахбор"-и шабакаи аввал талоши инъикоси проблемаҳоро дорад ва он боиси ситоиш аст. Бошад, ки барномаҳои махсуси дигар дар заминаи ҳамин услуб ва самт таҳия гарданд. Замони шӯравӣ барномае бо номи "Ранда" амал мекард, ки масъулину мансабдорон аз он чун аз бало метарсиданд. Муқаддимаи он барнома аз наворе оғоз мегардид, ки ранда (асбоби устои ҷӯб) дар рӯи тахтаи доғдор ин тарафу он тараф ҳаракат менамуд ва он доғҳову шебу фарози онро суфта мегардонид. Муаллифи барнома мехост, ки таъсири барномаи ӯ ҳамсони ҳаракати ҳамон ранда бошад… Хуб мешавад, ки дар телевизион "ранда"-и дигаре имрӯз сохмон дода шавад, ки аз монеасозиву "холабегамӣ"-и баъзе масъулону идоранишинони ҳокимиятҳои маҳаллӣ, ки дарди мардумро қудрату ҳавсалаи дидан надоранд, аз қаллобиву фиреби савдогари маводи хӯрокворӣву гӯштфурӯши бозор, ки бо мизоҷ мисли ҷодугар амал менамоянд, аз рафтори "гӯр сӯзаду дег ҷӯшад" - и болобарандагони сунъии нархҳо дар тамоми соҳаҳо, аз фаъолияти савдогарони НФС(АЗС)-ҳо, ки агар хоҳанд ҳамагӣ дар чанд соат нархро баланд мебардоранд ва аз даҳҳо чабҳаҳои дигари ҳаёт, ки проблемаҳои он бароямон маълум аст, маводи танқидиву таҳлилӣ пешниҳод шавад.

Ҷои баҳс нест, ки аудиторияи имрӯзаи матбуот (дар қиёси шумор бо васоити электронии ахбор) хеле кам аст. Яъне, рӯзномахонӣ ба маънии томаш оммавӣ нест. Албатта, матбуоти мо имрӯз нодор нест ва соҳиби ғановати хос мебошад. Баҳсҳову мавзӯоти ҷолиб дар саҳифаҳои он матраҳ мегарданд. Аммо тадқиқу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки оммавӣ гаштани ин мавзӯот тариқи телевизион дараҷаи ба маротиб баланд доранд. Дар замони шӯравӣ теъдоди аудиторияи матбуот ва дараҷаи маърифати он дар қиёс бо телевизион хеле чашмрастар буд. Баланд будани завқи мутолиаи оммавӣ хусусияти он замон ба ҳисоб мерафт. Дарди имрӯза он аст, ки фавҷу мавҷи аслӣ ҳама дар назди телевизиону дисплеи компютер ҷамъанд. Барномаҳои ахбории телевизион дар деҳот бошад, дар шароити бебарқиҳои мавсимӣ ягона манбаи маълумот ба ҳисоб меравад.

Фармони маъруфу шинохтаи "622" ва як навъ пуштибону умеди аҳли эҷод дар матбуот оҳиста-оҳиста аз дараҷаи фарзият ба суннат табдил ёфта истодааст. Телевизион бошад, дар ин самт нерӯи ноаёни худро нигоҳ медорад. Аз нутқу баромадҳо ва хулосарониҳои роҳбари давлатамон муайян мешавад, ки ӯ аз бисёр масоили иҷтимоӣ тариқи телевизион бештар огаҳ аст. Шояд як қудрати телевизион дар роҳи масъулиятбарангезии фаврии масъулон ҳамин омил ба шумор равад. Пас умеду нигарониҳои омма нисбат ба телевизион вуҷуд дорад ва он беасос нест. Бошад, ки боз ҳам ин телевизион бо қудрати худ дар осон намудани бисёр мушкилоти омма мусоидат намояд.

**Бахтиёри ҚУТБИДДИН,**
*дотсенти ДМТ*

---

Нишасти матбуотӣ

## СОЛИ 2015 - СОЛИ САЙЁҲИИ ДОХИЛӢ

**МАСЪУЛИНИ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯянд, барои рушди соҳаи туризм, аз кишвари Канада як мутахассиси варзида даъват гардидааст.**

**Аҳтам Рустам Абдуллозода, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии кишвар, рӯзи 8-уми январи соли равон зимни нишасти матбуотии ниҳоди мазкур, дар ин бора иттилоъ дода гуфт: "Ин коршиноси канадагӣ дар ҳафт кишвари ҷаҳон дар соҳаи туризм фаъолият кардааст, ки таҷрибаи бой дорад. Ӯ дар асоси шартнома ба муҳлати ду сол дар Тоҷикистон фаъолият хоҳад кард".**

**Соли гузашта ба қаламрави кишвар ҳамчун сайёҳ 213 ҳазору 265 нафар ворид гардидааст, ки ин шумора дар соли 2013 ба 207 ҳазору 911 нафар баробар будааст.**

**Бештари сайёҳони хориҷӣ ба минтақаи сайёҳии ВМКБ, Зарафшон, Ҳисор ва Варзоб таваҷҷуҳ доранд ва аксарияти сайёҳон ба кишвари мо аз Чин, Эрон, Русия, Қазоқистон ва Туркия ворид мешаванд. Феълан шаҳрвандони 81 давлати ҷаҳон метавонанд аз 3 фурудгоҳи байналмилалии Тоҷикистон ба қаламрави кишвар ворид шаванд.**

**Соли 2015 дар Тоҷикистон соли сайёҳии дохилӣ эълон шуда, аввалин маротиба дар Душанбе конфронси байналмилалии рушди сайёҳӣ баргузор хоҳад шуд. Бо дарназардошти қонеъ гардонидани дархосту талаби зиёди шаҳрвандон, махсусан наврасон оид ба дидани мавзеъҳои сайёҳии кишвар соли ҷорӣ як қатор барнома ва тадбирҳои нав рӯи даст гирифта хоҳад шуд,-афзуд А. Абдуллозода.**

**Ибодулло ТОҲИР**

# САРФАИ САРИ ДАСТАРХОН...



**Солҳои охир оид ба дастовардҳо дар танзими расму оин ва ҷашнҳо бисёр мегӯянд, вале дар асл дурри мақсуд ба даст наомадааст. Албатта аз замони қабул шудани Қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ" дар ин самт пешравиҳо ҳастанд, аммо на то дараҷае, ки худи ҳамин қонун талаб мекунад, на ба он андозае, ки масъулин дар маҷлису ҷамъомадҳо ва садою симо ҳисоботи дабдабанок медиҳанд.**

**АГАР** аз рӯи мантиқ гӯем, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо пеш аз ҳама ва беш аз ҳама ба ҷавонон дахл дорад. На барои он, ки эшон ҷавонанду пас аз чанд муддат пайи оростани маъракаҳои домодию арӯсӣ мешаванд, балки барои он, ки онҳоояндаи ҷамъиятанд ва ҳар он кореро, ки мо имрӯз асос мегузорем, дар оянда онҳо давом медиҳанд ва рушд мебахшанд. Пас, оё беҳтар нест, ки мо дар самти танзими анъана, расму оин ва ҷашну маросимҳо худи онҳоро бештар ҷалб созем, нерӯ ва ҷӯшу хурӯши ҷавониашонро истифода барем? Бовар дорам, ки агар онҳоро каме таълим диҳем, мақсаду маромро дуруст фаҳмонем ва шердилашон созем, онон дар ин самт ташаббускорию ғайратмандӣ карда, ҷавонмардӣ ва пешсафӣ нишон медиҳанд, дар ҳалли масъала бештару хубтар ҳиссагузорӣ мекунанд. Вале алҳол бештари ҷавонро дар ин рӯҳия тарбия накардаем. Аз ҳамин ҷост, ки аксарашон омодаи ташаббускорӣ нестанд.

Биёед, андеша мекунем: Хеле ва хеле кам ҷавонон дар фикри он мешаванд, ки баъд аз тӯю тантанаҳо зиндагии худро чӣ тавр ташкил бояд кунанд? Чӣ гуна амал намоянд, ки аз рӯзу ҳафтаҳои аввали навхонадорӣ ба мушкилиҳо гирифтор нагарданд? Мутаассифона, тақрибан ҳамаашон андеша мекунанд, ки чӣ тавр маъракаи тӯйи хешро дабдабанок гузаронанд, кадом овозхону раққоссаҳои номиро биёранд, чандто ва кадом навъи мошинҳои хориҷиро истифода намоянд, чӣ гуна одамони баландмартабаро даъват созанд, чӣ хел ороишот ва либосҳои ғайримиллиро ба бар кунанд ва ғайраю ҳоказо. Дар ин раванд кам ба ёд меоранд, ки оё хароҷоти ҳамаи инро волидайн пӯшонида метавонанд? Баръакс, падару модаронро маҷбур месозанд, ки чунин хароҷоти миёншикан бикунанд. Барояшон муҳим нест, ки оё баъд аз тӯй дар хона боз ягон чизи мехӯрдагӣ мемонад, зиндагии хоҳаракону додаракон ва ҳаёти навхонагии худашон чӣ гуна мешавад? Ба ҷои ҳамаи ин ҳушу хаёлашон ба он банд мегардад, ки волидайн барояшон чӣ қадар тилловорӣ мехаранд, соҳиби чӣ гуна мебелҳои қимматбаҳои хориҷӣ мегардонанд?

Ҳаргиз ва ҳеҷ гоҳ саҳеҳ намешавад, ки бунёдкунандагони оилаи нав аз рӯи ҳавою ҳаваси худхоҳӣ ва барои намоишкории якуним-ду соата, ба зиндагии минбаъдаи худ, ҳамсар, волидайн ва аҳли оила гарониҳо биёранд. Дар сурати аз ҷониби волидайн содир шудани ҳамин гуна кирдорҳо, эшонро аз райъашон боздоранд. Зарур аст, ки ҷавонон ба ҷои хараҷу мараҷҳо, аз рӯзҳои аввали дар андешаи хонадоршавӣ афтодан, фикри хӯронидану пӯшонидан, таълиму тарбия ва тандурустии фарзандониояндаи худро кунанд, то ки андаке ҳам бошад, ба волидайн сабукӣ биёранд.

Ҷавонон бояд донанд, ки зару зевар, тилло ва мебелҳои қиммат боиси хушбахтӣ шуда наметавонад. Баръакс, дар бештари мавридҳо боиси ташвишу изтироб ва ҳатто бадбахтиҳо мегардад. Мебели қимматбаҳо дар инкишофи озодии кӯдакон низ халал мерасонад. "Ҳо, нарас!", "Ҳо, хат накаш!", "Ҳо, чиркин накун!". Ин нишонаи он аст, ки волидайни ҷавон худ надонистаю нафаҳмида ғуломи ҷиҳозпарастии хеш мегарданд ва онро ҳатто аз тарбияи фарзандон ҳам болотар мегузоранд. Хушбахтӣ дар зиндагии ором, дар ҳамдигарфаҳмӣ, дар тарбияи хуби фарзандон аст. Падару бобоёни мо бо як шолчаю чойнику чанд пиёлаи сафолии худсоз хушбахт буданд, аз пайи дороӣ худро гирифтори балоҳои азими рӯзгор накарданд ва фарзандони содиқро ба камол расониданд.

Албатта, танзими урфу одат, расму оин ва анъанаҳое, ки садҳо сол дар мағз-мағзи дилу ҷони мардум нақш бастаанд, кори саҳл нест. Аммо ман аминам, ки агар ба ҷавонони ҳушманд, ғайратманду ташаббуспеша такя кунем, ҳалли он осон мегардад. Зеро мо калонсолон дар ин самт ҳар чи кардему накардем, ҳамин аст. Бурд ҳам аз худамону бохт ҳам. Ҷавонон бошанд, ояндасозанд. Бинобар ин, агар ҷавонписару ҷавондухтарон, ташаббускорию ғайратмандӣ кунанд, ҳамсолони худро садҳо бор зудтару зиёдтар бовар мекунонанд ва ба роҳи дуруст ҳидоят менамоянд, нисбат ба оне, ки мо калонсолон мекунем, нисбат ба оне, ки ҳазорон маҷлису ҷамъомадҳо гузаронидаю садҳо гуфтору намоишҳои садою симоро рӯи кор меорем ва мақолаю гузоришҳо нашр мекунем. Биноан, хуб мешавад, ки ташаббуси чанд сол боз дар ҷумҳурӣ ҷараён доштаи "Ҳамсол ба ҳамсол" дар ин самт ҳам фаъол бигардад. Агар ҳар ҷавони болаёқат ақаллан ду нафарро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад, ин мушкилот рӯз аз рӯз осон мегардад.

Расму оину анъана танҳо аз тӯю суру маъракаю маросимҳо иборат нест. Имрӯзҳо оини ҳамсоядорӣ, оини дӯстии бародарона ва беғаразона, оини ҷавонмардӣ, оини "Одам ба одам дӯст, рафиқ ва бародар", "Оини дӯстдорӣ ва ишқи пок", оини хушгуфторию хушрафторӣ, оин ва ташаббусҳои "Ман накунам, кӣ мекунад?", "Ман бояд намуна бошам", "Ҳама барои як кас, як кас барои ҳама" ба тадриҷ аз байн рафта истодаанд. Ин чизҳо асоси зиндагӣ ва таҳкурсии безаволи хушбахтию осудагии инсонҳоянд. Аммо, афсус, ки масъулин танҳо бо назорати камхарҷ гузаронидани тӯйҳои арӯсию домодӣ, хатнасур ва маросимҳои азо маҳдуд шуда, ба паҳлӯҳои дигари ин масъала аҳамият намедиҳанд. Чун аз ин боб сухан оғоз шавад, баҳона пеш меоранд, ки ин масъалаҳоро қонун пешбинӣ накардааст.

Тамоми мушкилию чигилҳои дигар чӣ дар ҳаёти одамон ва чӣ дар ҳаёти ҷамъият маҳз аз ҳаминҳо сар мезанад. Шояд, ки тамоми ҷанбаҳои онҳоро дар қонун ҷой додану бо қонун танзим кардан имконнопазир бошад. Аз ин рӯ зарур аст, ки одамон худашон ташаббускорӣ кунанд ва роҳу усулҳои беҳтари танзими онҳоро пайдо намоянд. Масалан, дар деҳаи Нилуи ҷамоати деҳоти Хонақоҳи Кӯҳии ноҳияи Ҳисор пеш аз қабулшавии Қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо..." дар ин самт корҳои накӯ мекарданд, баъд аз қабулшавии ин қонун бошад, фаъолияти боз ҳам накӯтар нишон доданд. Махсус қайд мекунам, ки дар ин кор саҳми аз ҳама бештарро ҷавонони деҳа ба уҳда гирифтаанд.

Агар мо дар ҷабҳаи танзими расму оин, анъана ва ҷашну маросимҳо воқеан корҳои ҷиддиро ба сомон расониданӣ бошем, пас набояд аз ҳисобти пурдабдабаю тантананоки худ мағрур шуда ифтихор кунем, набояд фирефтаи рақамҳои "фалон қадар ҷуфтҳои нави хонадоршудагон ба вуҷуд омад", "фалон қадар маблағҳо захира шуд", "фалон қадар гову мол аз забҳ эмин монд" ва ғайра бигардем. Зарур аст, чораҳое андешем, ки аз тариқи онҳо ҳар чи имкон аст, дар зеҳни мардум тағйироти куллӣ ба вуҷуд биёянд, ҳамдиёронамон танҳо аз пайи танзими расму оин, анъана ва ҷашну маросимҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, нашуда, балки бо ташаббускории хеш дигар расму оин, анъанаю ҷашну маросимҳоро ҳам риояю танзим кунанд. Масалан, танзими таҷлили ифторҳо дар моҳи шарифи Рамазон дар қонун пешбинӣ нашудааст. Аммо ин ҳаргиз маъниеро надорад, ки хароҷоти онҳо баробари хароҷоти тӯйҳо гардад. Мутаассифона, ҳоло дар аксар маҳалҳо ҳамин тавр шудан дорад. Вале, дар деҳаи Нилуи ноҳияи Ҳисор инро ҳам ба танзим овардаанд, ки боиси таҳсин аст.

Дар кори танзими урфу одат, расму оин, анъана ва ҷашну маросимҳо вақте ба мақсад ноил мегардем, ки агар дар ин самт одамони донишманд, ғамхор, ташаббуспеша фаъолият кунанд. Аз онҳое, ки баҳри ноилшавӣ ба талаботи ниҳоии қонун муносибати эҷодӣ накарда, вазифаи худро асосан аз ҷаримаситонӣ иборат медонанд, фоидаи хеле кам мерасад. Биноан зарур аст, ки дар ин соҳа, алалхусус дар сатҳи ноҳияю ҷамоатҳо, ҳамчунин дар комиссияҳои ҷамъиятӣ одамони дасту дили покдошта, закӣ, бовиҷдон ва дар ғами таъриху фарҳангу расму оини халқу миллат буда фаъолият кунанд. Агар мақсад танҳо барои гузаронидани маъракаҳо иҷозатнома додан, ба онҳо омадану хӯрдану хестан бошад, ин корҳо аз дасти ҳар кас меояд. Ин самт азму разм ва ғайрату ташаббусро мехоҳад, ки хислатҳои ҷавонианд. Пас, меарзад, ки дар ин ҷода низ бештар ба ҷавонони ташаббуспеша такя кунем.

**Ҳасан Юсуфи ФАЙЗБАХШ**



**Ободкорӣ**

## Чойхонаи миллии Фархор

Дар раванди созандагиву бунёдкорӣ бахшида ба 20-солагии ҲХДТ ва дар арафаи соли нави мелодии 2015 бинои бошукӯҳи "Чойхонаи миллии Фархор" ба истифода дода шуд, ки он бо намуди зоҳириаш беҳтарин чойхонаҳои мамлакатро мемонад. Чойхонаи миллӣ иборат аз се ошёна аст. Ошёнаи аввали чойхона барои дамгирӣ ва истироҳати калонсолону ҷавонон буда, он бо курсию миз ва катҳои зебою мунаққаши тоҷикона ҷиҳозонида шудааст. Ҳар як нафар аз нақшу нигорҳои миллӣ оро додашудааш фараҳманд мегардад. Дар ин толор то 100 нафар метавонанд, фароғат намоянд. Ошёнаи дуюм бошад, тарабхона буда, дар он барои гузаронидани ҳамагуна маъракаҳо имконият фароҳам оварда шудааст. Ошёнаи сеюми он меҳмонхона асту 30 ҷой дорад.

Бояд иброз дошт, ки бинои бошукӯҳи "Чойхонаи миллии Фархор" бо сармоягузории узви ҲХДТ, соҳибкори ватанӣ Анвариддин Шарифов бо маблағи 4 миллиону 860 ҳазор сомонӣ сохта шудааст. Аз ин маблағ 650 ҳазор сомонӣ барои харидории таҷҳизоти навтарин - кат, мизу курсӣ ва дигар ашё барои ошхона - чойхона ва меҳмонхона харҷ шудааст.

Андеша

# Таҳлили коршинос
## ё мадҳия дар васфи ҲНИТ?

**Солҳои охир ангезаи аз ҷониби олимон, ҳуқуқдонон, коршиносон, рӯзноманигорон ва ғайраҳо баҳогузории фаъолияти солонаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромада, ба яке аз воситаҳои пиарсозии ҳизби мазкур табдил ёфтааст. Маъмулан ашхоси алоҳида, дар арзёбии умури солонаи ҳизби наҳзат тамоми маҳорати суханпардозии худро ба кор бурда, саъй мекунанд яке аз дигаре хушбаёнтар бошад. Натиҷаи ин "мусобиқаҳо" миёни "доварон", бо назардошти манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ ва ё ғаразу хусуматҳои инфиродӣ бо он меанҷомад, ки фаъолият ва мавқеи ҳизби мазкур муболиғаомез тавсиф карда мешавад.**

**ОДАТАН ҳар яки онҳо чун лаҷоми суханро ба даст гирифтанд, ҳизби мазкурро "ҷабрдида", "таҳти фишор қароргирифта" ва аз ин қабил унвон дода, дар маҷмӯъ аз он қаҳрамон месозанд. Умумият байни ин мафҳумҳо шояд танҳо ба "доварон" ва пиарсозон маълум бошад...**

**Иллати "ҷабрдида" унвон гирифтани ҳизб дар бечорасозиҳои худи аъзои он миёни ҷомеа асос меёбад, ки мехоҳанд ҳама ҳолатҳои ҳаётии худро расонаӣ созанд: "бинои моро бастанд", "толорамонро гирифтанд", "дари масҷидро бастанд", "ҷои намозхонӣ надорем", "ришамонро тарошиданд", "ба ҳарам раҳам надоданд".... аз ҷумлаи бечорасозиҳои ҳизби наҳзат аст, ки на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он ҳам расонаӣ шудааст.**

**Вале, бо мақсади ба чашми мардум хок пошидан, аз сабру "таҳаммулпазирӣ", ҳамчун шиор ҷор мезананд, то ҳамагон эшонро сулҳпарвару нексиришт бишиносанд.**

**"Доварон"-е, ки ахиран фаъолияти ҲНИТ-ро дар соли 2014 баҳогузорӣ намудаанд, аъмоли зиште, ки аз ҷониби аъзои ҳизби мазкур дар тӯли сол анҷом ёфта буд, нодида гирифта ва ё дидаву онро чун амали сохта алайҳи ҳизб пазируфта, бештар ба васфу тавсиф пардохтаанд.**

**Масалан, рӯзноманигор ё таҳлилгар Раҷаби Мирзо дар бораи ҲНИТ гуфтааст: "ҲНИТ ягона нерӯи сиёсӣ буд, ки нишонаҳои бисёрҳизбиро дар Тоҷикистон то ҷое ошкор кард. Ин фишорҳо бори дигар исбот мекунанд, ки нерӯи нисбатан қавӣ маҳз ҲНИТ будааст ва агар ин фишору аксуламалҳо низ намебуданд, ҳизби наҳзат ҳам ба як неруи қавӣ табдил намеёфт. Муборизаи сиёсӣ ҳамин аст!"**

**Маълум нест, ки ин рӯзноманигор аз кадом фишору таъқибҳо сухан меронад?**

**Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҳама ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дорои як марому мақсад буда, аксаран ҳамеша фаъоланд. Тафовути аҳзоби дигари Тоҷикистон аз ҲНИТ дар он аст, ки онҳо барои расонаӣ шудани фаъолияти худ ҳеҷ гуна талош намеварзанд.**

**Ҳамчунин, ҳуқуқшинос Файзинисо Воҳидова низ "таҳаммулпазирии" ҳизби наҳзатро васф намуда, як ба як он ҷиноятҳое, ки аз ҷониби аъзои ҳизби мазкур дар давоми сол содир шуда буд, сунъӣ номида, иддае аз уламову академикҳои кишварро таҳқир намудааст, ки чунин рафтори ӯ бори дигар ба ҳуқуқдони моҷароҷӯ будани ӯ далолат мекунад. Маълум мешавад, ки ӯ ба ҷуз аз хангома барангехтан пешаи дигаре надорад, вагарна кӣ кафолат дода метавонад, ки дар дохили ҲНИТ шахсони тасодуфию дорои рафтори ношоиста вуҷуд надоранд?**

**Мисоли возеҳ он аст, ки имрӯз аксар ба ном коршиносу нимчатаҳлилгар, бо вуҷуди доштани маълумоти ҳуқуқӣ фаъолияти муқаррарии сохторҳои давлатиро, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, ҳамчун фишор пиндошта, аз ашхоси ҷиноятпеша ва қонуншикан ҳимоят мекунанд ва ҳатто аз онҳо қаҳрамон ҳам месозанд.**

**Аксари таҳлилгароне, ки фаъолияти ҲНИТ-ро ба хотири манфиатҳои алоҳида маддоҳӣ мекунанд, худ бехабаранд, ки бо ин васфу тавсифҳояшон баръакс, имиҷи онро коста мегардонанд. Барои мардум мавқеи ҲНИТ бидуни таҳлилу тадқиқ низ маълум аст, ки нисбат ба динӣ будан бештар ҳизби сиёсишудаест, ки мақсаду мароми он ба даст овардани ҳокимият асту бас, ҳоҷат ба муболиғаву иғроқ нест.**

**Шодон БАҲРИДДИНОВ**

Ба "Минбари халқ" ҷавоб омад

Вокуниш ба мақолаи Зиннат Шарипова- сокини шаҳри Истаравшан "Талаби мерос баъди 17 сол", ки дар рӯзномаи "Минбари халқ" №52 (979) санаи 24 декабри соли 2014 чоп шудааст.

# БА ҲАЛЛИ МУАММО МУСОИДАТ МЕКУНЕМ

**СОКИНИ** шаҳри Истаравшан, ҷамоати Гули Сурх, деҳаи Бафоӣ Зиннат Шарипова ба идораи Нотариати давлатии шаҳри Истаравшан, шахсан ба ман, яъне Фароғат Юлдошева- нотариуси калони идораи нотариати давлатии шаҳри Истаравшан расман барои гузаронидани амалиёти нотариалӣ-гирифтани мерос муроҷиат накардааст, балки ҳақиқатан ба назди ман омада, маслиҳати ҳуқуқӣ оиди ҳуқуқҳои мерос, ҷамъ намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои қабули мерос муроҷиат намуда буд. Ман бошам, пурра ваҷҳҳои ӯро гӯш карда, аз ӯ ҳуҷҷатҳои мавҷудбударо талаб намудам, аммо ӯ ба ман ягон хел ҳуҷҷат пешниҳод накард. Ман мутобиқи гуфтаҳояш ба ӯ маслиҳати зарурии ҳуқуқиро дода, таъкид кардам, ки ҳуҷҷатҳои заруриро ба ман дастрас намояд.

Баъди чанд муддат як марди ношинос ба мо аз номи Шарипова Зиннат муроҷиат намуд, мо аз ин марди ношинос талаб кардем, ки барои гузаронидани амалиёти нотариалӣ бояд ворисони амволи меросӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳозир шавад. Вале баъд аз чанд вақт аз номи Шарипова Зиннат мақола чоп гардид, ки дар он нисбати фаъолияти мо эътироз оварда шудааст.

Аз ваҷҳҳои дар мақола овардашуда муайян кардан душвор нест, ки муаллифи мақола қонунҳоро ба таври худ маънидод менамояд ва ё он қонунҳоеро дастрас мекунад, ки ба баҳси манзили истиқоматии меросии муаллиф дахл надоранд, зеро тибқи талаботи моддаи 1166 қисми 1 ҳамин Кодекс бошад, дар навбати аввал мероси қонуниро ба ҳиссаи баробар-фарзандон (аз ҷумла фарзандхондшудагон) ҳамсарон ва падару модар, фарзандхондагони меросгузор ва ҳамчунин кӯдакони шахси вафоткарда, ки баъди вафоти ӯ таваллуд шудаанд, мегиранд.

Аз муҳтавои худи мақола муайян кардан душвор нест, ки меросгузор Шарипов Мирсалим ғайр аз ҳамсараш Шарипова Зиннат ду нафар кӯдак дораду аз ҳамсари собиқаш 5 нафар фарзанддор гаштааст. Бинобар ин, тибқи талаботи қонуни дар боло номбар намудаи ман он 5 нафар фарзандони меросгузор низ баробари Шарипова Зиннат ва кӯдакаш меросхӯри аввалиндараҷа ҳисоб меёбанд.

Шарипова Зиннат бошад, ба ҳалномаи суди ноҳияи Зафаробод аз 7 майи соли 2008 оиди рад намудани барқарор кардани мӯҳлати қабули мерос ба Н. Азизова такя намуда, чунин меҳисобад, ки ӯ ва фарзандаш меросхӯрони ягонаи меросгузор Шарипов Мирсалим мебошанд. Аммо аз худи мақола аниқ аст, ки ҳалномаи мазкур фарзанди меросгузор Шарипов Мирсалим ва Н. Азизоваро аз ҳуқуқи мерос маҳрум накардааст, балки танҳо мӯҳлати қабули меросро барканор кардааст.

Ман, ҳамчун нотариуси калони идораи нотариати давлатии шаҳри Истаравшан ваҷҳҳои мақолаи мазкурро нисбати худам беасос мешуморам, ҳамчунин аз Шарипова Зиннат хоҳиш менамоям, ки оиди гирифтани мероси худ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба идораи мо расман муроҷиат намоянд. Мо тибқи талаботи қонунҳои мавҷуда, кӯшиш менамоем, ки барои ҳалли муаммоҳои ӯ мусоидат намоем ва қарори қонунии худро қабул кунем.

*Бо эҳтиром нотариуси калони давлатии шаҳри Истаравшан* **Ф. ЮЛДОШЕВА**




# ИСЛОҲИ КАМБУДИҲО БА МАНФИАТИ КОР

Муассисаи давлатии коммуналии "Душанбенақлиётхадамотрасон" маълум менамояд, ки мақолаи "Муаммоҳо дар хатсайрҳои пойтахт", "Минбари халқ" № 2 (981) аз 7 январи соли 2015-ро дар ҷаласаи худ рӯзи 12 январи соли 2015, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод. Ба кормандони рӯзнома барои таваҷҷуҳ ба фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ ва ошкорнамоии камбудиҳо дар соҳаи нақлиёти мусофиркашонии шаҳрӣ арзи сипос менамоем.

**МО** аз самими қалб хоҳони ҳамкорӣ бо рӯзнома ҳастем, зеро таъсири ВАО-ро ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо назаррас арзёбӣ менамоем, вале қайд менамоем, ки барои равшанӣ андохтан ба проблемаҳои соҳаи нақлиёт, кормандони рӯзнома бояд бо мутасаддиёни соҳа ҳамкорӣ намоянд.

Дар мақола нисбати хатсайри "Корвон-маҳаллаи 102", ки аз мусофирон 2 сомонӣ талаб мекунанд, норозигӣ баён шудааст. Маълум менамоем, ки ин гуна хатсайри аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе тасдиқшуда вуҷуд надорад ва баъзе ронандагон худсарона, ба қойидаҳои ҳамлу нақли мусофирон риоя накарда, ғайриқонунӣ дар самти қайдшуда фаъолияти мусофиркашонӣ менамоянд ва аксар қойидавайронкуниҳо аз тарафи онҳо содир мешавад.

Мушкилоти дигаре, ки дар мақола нашр шудааст, ин нарасидани воситаҳои нақлиёт мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки тибқи супориши Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе барои ҳалли чунин мушкилот, нақшачорабиниҳои алоҳида ба тавсиб расонида шуда, ҳамаи роҳбарони корхонаю ҷамъиятҳои нақлиётӣ вазифадор карда шудаанд, ки дар соатҳои зиёдшавии мусофирон дар нуқтаҳои ҷамъшавии мусофирон, бо воситаҳои нақлиёти иловагӣ навбатдорӣ намоянд. Оиди камбудии аз меъёр зиёд гирифтани мусофирон дар воситаҳои нақлиёт дар байни ронандагон, аз тарафи масъулин ҳамарӯза корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад ва мо аз мусофирон эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҳангоми пур будани воситаи нақлиёт, нақлиёти аз пас меомадаро интизор шаванд.

Оид ба дигар камбудиҳои дар мақола дарҷгардида, аз қабили дағалии ронандагон бо мусофирон, баланд намудани радио дар дохили воситаҳои нақлиёт ва дигарҳо дар ҷаласаҳои кормандони соҳаи нақлиёт, ки ҳар ҳафта бо иштироки роҳбарони корхонаҳои нақлиётии шаҳри Душанбе дар МДК "Душанбенақлиётхадамотрасон" таҳти сарпарастии муовини соҳавии Раиси шаҳри Душанбе баргузор мегардад, ба ШБДА РВКД дар шаҳри Душанбе ва Раёсати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар шаҳри Душанбе супоришҳои мушаххас дода шуда, оиди ба низом даровардан ва аз байн бурдани ҳаракати воситаҳои нақлиёте, ки худсарона дар хатсайрҳои шаҳрӣ фаъолият менамоянд, вазифадор карда шуданд.

Воситаҳои нақлиёте, ки барои фаъолияти мусофиркашонӣ шартномаи ҳамкорӣ доранд, бо рақамҳои силсилаи ТТ заминаш зард таъмин карда шудаанд ва дар дохили онҳо номи ҷамъияти хизматрасон бо телефонҳояш, рақами телефонҳои мақомоти назоратӣ, нархи ҳаққи роҳкиро ва ному насаби ронанда насб карда шудааст, ки дилхоҳ шахс метавонад аз дохили нақлиёт оиди камбудиҳо хабар диҳад.

Мо кормандони соҳаи нақлиёти шаҳри Душанбе баҳри ислоҳи камбудиҳои дар соҳа ҷойдошта тамоми имкониятҳоро истифода мебарем, то ба мусофирон хизмати арзанда пешниҳод расонем.

**Ф. САИДОВ,**
*директори муассисаи давлатии коммуналии "Душанбенақлиётхадамотрасон"*



# ВУСЪАТИ ИСЛОҲОТИ ЗАМИН

## Ё НАЗАРЕ БА САҲМИ ЯК ЛОИҲА ДАР АЗНАВТАШКИЛДИҲИИ ХОҶАГИҲО

Бо мақсади суръатбахшии ислоҳоти замину ташкили хоҷагиҳои нав ва дастгирии табақаҳои камбизоати аҳолӣ ҳукумати ҷумҳурӣ лоиҳаю барномаҳои гуногунро амалӣ менамояд. Яке аз чунин лоиҳаҳо Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин мебошад, ки ҳамчун ҷузъи Барномаи давлатии стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Бо мақсади татбиқи лоиҳаи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи "Маркази татбиқи Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин" (соли 2005) таъсис дода шуда буд.

Ин Лоиҳа дар ду марҳила амалӣ карда мешавад. Марҳилаи аввали он солҳои 2005-2012-ро дар бар гирифта, ҳоло марҳилаи дуюми татбиқи Лоиҳа идома дорад. Мақсади асосии Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин дар марҳилаи аввал асосан аз дастгирии деҳқонон барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонии оилавию инфиродӣ, гузоштани асос барои ба вуҷуд овардани системаи моҳворавии геодезӣ, ҷорӣ намудани бо тарзи электронӣ пур кардани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, дастгирии барқарорсозии шабакаҳои обёрии дохилихоҷагӣ ва ташкили ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, инчунин паҳн кардани донишҳо дар байни деҳқонон оид ба самаранок истифода бурдани замин ва риояи талаботи экологии истифодабарии замин иборат буд.

Бо ин мақсад Муассисаи "Маркази татбиқи Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин" 7 Маркази кадастри замини минтақавӣ ташкил карда, корҳои ташкилдиҳии хоҷагиҳоро оғоз намуд.

Дар ибтидо, яъне пеш аз оғози корҳои азнавташкилдиҳии хоҷагиҳо, барои ба деҳқонон фаҳмондани ҳадаф ва моҳияти ислоҳоти замин, Лоиҳа дар байни деҳқонон маъракаҳои иттилоотию маърифатиро доир намуд. Дар ин маъракаҳо ба деҳқонон ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳар як саҳмдор, аҳамияти ислоҳот ва ташкил кардани хоҷагии мустақили деҳқонӣ фаҳмонда мешуд. Баъди ин теъдоди онҳое, ки мехостанд хоҷагии худро ташкил кунанд, сол аз сол афзудан гирифт. Дар ҳамин росто, барои осон намудани ҷараёни бақайдгирии ҳуқуқ ба замин зарурати дигар кардани шакли варақаи сертификат пеш омад. Бо ин мақсад аз ҷониби Лоиҳа ба Ҳукумат якчанд пешниҳод ирсол карда шуданд. Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдор қабул кард.

Ғайримутамарказ гардондани додани сертификат масъалаи дигаре буд, ки Лоиҳа дар марҳилаи аввал ба он талош кард. Дар ин бобат ҳам Ҳукумат қарори дахлдор қабул ва раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ доир ба ғайримутамарказ гардондани додани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин моҳи майи соли 2010 фармон содир кард. Баъд аз ин корҳои омодагӣ, гузаронидани ташхис ва додани сертификат бар уҳдаи Кумитаҳои заминсозии вилоятҳо гузошта шуд. Инчунин, шакли варақаи Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ҳам бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода шуда, аз ду варақа ба як варақа табдил ёфт. Тадбирҳои андешидашуда имкон доданд, ки муҳлати тайёр кардани Сертификатҳо ва хароҷот ба таври назаррас кам карда шавад. Дар натиҷа, раванди азнавташкилдиҳии хоҷагиҳо содда ва осон гардид.

Мутахассисони Лоиҳа тавонистанд, ки дар марҳилаи аввали татбиқи Лоиҳа бештар аз 42 ҳазор адад хоҷагии деҳқонӣ ташкил намуда, онҳоро бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин намоянд. Ин аз нақшаи пешбинигардида зиёд буд.

"Барои кормандони мо дар марҳилаи аввали татбиқи Лоиҳа муяссар гардид, ки вазифаҳои дар наздашон гузошташударо иҷро намоянд, - гуфт директори Муассисаи "Маркази татбиқи лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин" Маҳмудҷон Хабиров. - Дар ин муддат барои ноил гардидан ба комёбӣ кормандони Лоиҳа корҳои зиёди ҳуқуқӣ - ташкилиро низ ба ҷо оварданд. Аз ҷумла, мо тавонистем, ки таҷҳизот ва технологияи навтарини электронӣ ворид карда, асоси системаи моҳворавии координатҳоро дар ҳудуди ҷумҳурӣ гузорем. Дар баробари ин, омода намудани сертификат бо тарзи электронӣ мавриди истифода қарор гирифт. Иҷрои ин корҳо аз назари техникӣ ба пешрафти корҳои мо мусоидат намуда, муҳлати омода намудани сертификат ва хароҷоти зиёдатиро хеле кам кард.

Барои пешрафти корҳои азнавташкилдиҳӣ мо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июли соли 2006, №1775 "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ"-ро дастури амал қарор дода, бо мақомоти дахлдори вилоятию ноҳиявии ҳокимияти давлатӣ робитаи доимӣ барқарор намудем. Дар ин кор албатта, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ моро ҳамаҷониба дастгирӣ намуд".

Дар марҳилаи аввал вазифаҳои Лоиҳа иҷро шуданд, аммо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" бояд амалӣ карда мешуд ва дар баробари ин, азнавташкилдиҳии хоҷагиҳо низ ҳанӯз анҷом наёфта буд. Инро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ қарор доданд, ки татбиқи Лоиҳа ба муҳлати 3 сол дароз карда шавад. Дар марҳилаи дуюми маблағгузорӣ дар баробари вусъат додани корҳои азнавташкилдиҳии хоҷагиҳо дар назди Лоиҳа мақсади дигар-ба таври озмоишӣ (пилотӣ) оғоз кардани бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он гузошта шуд.

Дар натиҷаи ташкили дурусти кор то охири соли 2014 кормандони Лоиҳа тавонистанд азнавташкилдиҳии хоҷагиҳоро вусъат дода, теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии оилавию инфиродиро ба 109 261 адад расонанд. Дар ин кор саҳми Марказҳои кадастри замини минтақавии Хуҷанд (17371 адад), Кӯлоб (17295 адад) ва Бадахшон (16041 адад) назаррас аст.

То ин давра бештар аз 350 ҳазор саҳмдорон, аз ҷумла 180 ҳазор нафар занон аз кӯмаки Лоиҳа истифода бурда, сатҳи зиндагии хешро беҳтар кардаанд. Татбиқи Лоиҳа имкон дод, ки даҳҳо ҳазор нафар ҳамватанони мо соҳиби ҷои кор гарданд.

Дар самти дастгирии барқарорсозии шабакаҳои обрасонӣ низ Лоиҳа як қатор корҳоро анҷом додааст. Бо дастгирии Лоиҳа дар ҷумҳурӣ 73 адад, Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ташкил карда шуд. Ин имкон медиҳад, ки бештар аз 12 ҳазор гектар замин бо об беҳтар таъмин карда шавад.

Ҳаминро бояд хотиррасон кард, ки Лоиҳа ба таври ройгон ба сокинони деҳот хизмат мерасонад ва ба деҳқонони ҷумҳурӣ ин кӯмаки бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст дар амалӣ намудани ислоҳоти замин ва афзун намудани истеҳсоли маҳсулот.

Яке аз самтҳои муҳими татбиқи Лоиҳа дар марҳилаи дуюм амалисозии бақайдгирии давлатии системавии молу мулки ғайриманқул мебошад. Дар ин давра мутахассисони Лоиҳа дар маҳалҳои пилотии мувофиқакардашуда-минтақаҳои Кӯлоб (шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Муъминобод), Бадахшон (ноҳияи Ванҷ), Ҳисор (шаҳри Турсунзода) ва шаҳри Хуҷанд (Маркази шаҳрии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул) корҳоро оғоз намуданд ва қарори раисони шаҳрҳои Кӯлоб (аз 08.04.2014, №221), Хуҷанд (аз 29.04.2014, №218), Турсунзода (аз 08.05.2014, №361) ва ноҳияи Ванҷ (№208, аз 3.07. 2014) ба тасвиб расидаанд.

Аз тарафи Марказҳои кадастри замини минтақаи Кӯлоб, Ҳисор, Бадахшон ва Маркази шаҳрии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар шаҳри Хуҷанд бақайдгирии давлатии системавии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар маҳалҳои пилотӣ (интихобгардида) тибқи қарорҳои мазкур идома дода мешавад.

"- Марҳилаи дуюми татбиқи Лоиҳа моҳи марти соли 2015 ба охир мерасад,- гуфт М. Хабиров,- аммо таҷҳизот ва технологияи ворид намудаи мо, инчунин мутахассисоне, ки дар доираи Лоиҳа омӯзонда шуданд, барои пешрафти корҳои азнавташкилдиҳии хоҷагиҳо ва барои ба вуҷуд овардани системаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар оянда хизмат хоҳанд кард. "

**М. ҚУРБОНОВА**



Варзиш

# ТЕМУР РАҲИМОВ ЗӮРТАРИН ДЗЮДОЧИИ ҶАҲОН ДОНИСТА ШУД

Темур Раҳимов, варзишгари навраси тоҷик, дар рейтинг ё феҳристи ҷаҳонии дзюдочиёни пурзӯртарин мақоми аввалро касб карда, пур зӯртарини дзюдочии дунё миёни наврасон эътироф гардид.

**ТИБҚИ** иттилои Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, ин дзюдочии навраси тоҷик, дар раддабандии дзюдочиёни пурзӯртарини дунё, миёни ҷавонони то 18-сола дар вазни беш аз 90 кг дар садри ҷадвал ҷой гирифтааст. Дар рейтинг ё феҳристи мазкур Темур Раҳимов, варзишгари навраси тоҷик ва Воҳид Даурбеков, варзишгари рус, 360-имтиёзиро соҳиб шудаанд.



Гуфта мешавад, дар рӯйхати гӯштигиpоне, ки дар вазни беш аз 90 кг рақобат мекунанд, ҳамагӣ 67 нафар дохил шудаанд, ки дар байни онҳо боз ду варзишгари дигари навраси тоҷик шомил шудаанд. Ардашер Мирзоев бо 64 имтиёз ҷойи 26-ум ва Хуршед Маҷидов бо 40 имтиёз ҷойи 41-умро соҳиб шудаанд.

Мавқеи варзишгарони дигари тоҷик дар феҳристи нави дзюдочиёни пурқувваттарини дунё байни ҷавонони то 18-сола чунин аст: Ҳоҷимашраф Раҳмонов (90 кг, ҷойи 27-ум, 80 имтиёз), Фирдавс Назаров (50 кг, 33-юм, 66 имтиёз), Хуршед Маҷидов (+90 кг, 41-ум, 40 имтиёз), Салман Рамихудоев (66 кг, 43-юм, 60 имтиёз), Толиб Ҷебов (60 кг, 52-юм, 52 имтиёз), Эмомҷон Камолов (81 кг, 58-ум, 22 имтиёз), Шодибек Рашидов (90 кг, 61-ум, 16 имтиёз), Шукрона Қарчиева (48 кг, 63-юм, 16 имтиёз), Илҳомҷон Ҳофиззода (66 кг, 68-ум, 40 имтиёз), Соир Шайхуддинов (60 кг, 82-юм, 20 имтиёз), Раҳматуллобек Фарҳодов (66 кг, 92-юм, 20 имтиёз), Шаҳзод Амонов (50 кг, 102-юм, 2 имтиёз), Аминҷон Ғафуров (81 кг, 112-ум, 2 имтиёз), Усмон Мирзомуддинов (73 кг, 140-ум, 2 имтиёз) ва Наврӯзи Каримзод (66 кг, 164-ум, 2 имтиёз).

Ёдрас мешавем, ки варзишгарони тоҷик моҳи декабри соли гузашта, дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё оид ба дзюдо миёни наврасон дар Ҳонконг чаҳор медал, аз ҷумла, се нуқра ва як биринҷӣ ба даст оварданд. Дар мусобиқаи кадетҳо Темур Раҳимов дар рақобатҳо дар вазни беш аз 90 кило бо медали нуқра ва Ҳоҷимашраф Раҳмонов дар вазни то 90 кило бо медали биринҷӣ сарфароз гардиданд. Дар мусобиқаи наврасон Аминҷон Ҷалолов дар вазни то 90 кило ва Санавбар Шанбиев дар вазни беш аз 90 кило соҳиби медалҳои нуқра гардиданд.

**И. ТОҲИР**





## Витикс - гель ва таблетка

**ВОСИТАИ БОЭЪТИМОД БАРОИ ТАБОБАТИ ВИТИЛИГО**
**(доғҳои сафеди пӯст)**

"Витикс"-гель ва таблетка воситаи хеле хуби барқароркунандаи **меланин** дар ҳуҷайраҳои аз витилого осебдида буда, паҳншавии **Витилиго**-ро дар пӯст пешгирӣ менамояд. Пӯсти сафедшударо табобат ва барқарор менамояд. Мудати табобат то **6** моҳ буда ва шахсоне, ки бо ин осеби бемор зиёда аз **5 - 10** сол гирифторанд муддати табобати он то **1,5** сол давом дорад.

**Тарзи истифода: Витикс гел**-ро дар як рӯз ду маротиба танҳо ба ҳамон қисмҳои пӯсти сафедшуда (бо шоткачаи дар даруни қутти буда) мемоланд. **Витикс-гель** ягон хел маҳдудият ва таъсири манфӣ надошта ба ҳамаи синну сол истифодааш мумкин аст. Барои тезтар ва пуртаъсир гаштани табобати он, бояд витикс таблетка-ро ҳам истеъмол намоед.

**Истеъмоли он:** 1 донагӣ дар як рӯз 1маротиб дар соати дилхоҳ. Истифодаи худи **Витикс таблетка** бошад ба занҳои ҳомила ва кӯдакони то 10-сола манъ аст.

**ВИТИКС-ГЕЛЬ ВА ТАБЛЕТКА ИН ИНҚИЛОБ ДАР СОҲАИ ДЕРМАТОЛОГИЯ АСТ!**

**Нархи фурӯши Витикс таблетка ва гель ҳар яке бо арзиши 280 то 320 сомонӣ буда аз дорухонаҳо ва ё бо телефони Душанбе 917 03 91 34; 938-07-89-03; Суғд ва ноҳияҳои он 927-49-33-47 дастрас метавонед кард.**

**ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ДАВЛАТИ ФАРОНСА**
**www.vitix.ru e-mail: sales@vitix.ru**


**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки соли 1976 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №47 (ҳоло №5) ноҳияи Варзоб ба Атоева Раҷабгул Сангиновна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи бақайдгирии хоҷагии деҳқонии "Дилшод" РЯМ 1230036409, ки ба соҳибкори инфиродӣ Таваралиев Ҳайбулло тааллуқ дорад, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Аттестати № А 932265, ки соли 1982 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №60 ноҳияи Синои Шаҳри Душанбе ба Кравченко Оксана Николаевна додааст, эътибор надорад.

**Кумитаи иттифоқи касаба ва кормандони китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба Юнусова Ҳабиба бинобар сабаби даргузашти**

**БАРОДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.**

# БА «МИНБАРИ ХАЛҚ» ОБУНА ШАВЕД!




**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

**Маблағи обуна ба ҳафтанома 85 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...**

**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21


## "МАҲСУЛОТИ БЕҲТАРИНИ РОССИЯ" БАРОИ ТАБОБАТИ БЕМОРИИ ҚАНД




Душвориҳои рӯзгори гирифторони бемории қандро ба ҷуз худи эшон дигар касе дарку эҳсос ва тасаввур ҳам карда наметавонад. Оре, сангин аст зиндагии гирифторони бемории диабети қанд. Зеро ин беморӣ дар марҳилаҳои гуногун ба тамоми узвҳои инсон таъсири худро мерасонад. Вале чанде пеш дар Русия истеҳсоли давои нabototие ба роҳ монда шуд, ки ҳама мушкилоти беморони диабети қандро сабук хоҳад гардонд. Ин даво **"ГАЛЕГА-НОВА"** ном дошта, яке аз **"100 маҳсулоти беҳтарини Русия"** эътироф шудааст. **"ГАЛЕГА-НОВА"** барои табобати навъҳои 1 ва 2- юми диабети қанд ва пайтаъсирҳо (осложнения)-и он пешбинӣ гардида, барои рафъи таъсири ин беморӣ ба чашмон, гурдаҳо ва пойҳо, ҳамзамон барои шаклҳои гуногуни фарбеҳшавӣ ва бемории варикозӣ истифода бурда мешавад. **"ГАЛЕГА-НОВА"**-ро ашхоси вобастаи инсулин низ метавонанд истифода баранд. **"ГАЛЕГА-НОВА"** сатҳи қанд ва холестеринро дар хун паст намуда, имкон фароҳам меорад, ки давоҳои кимиёӣ камтар истифода бурда шаванд.

Истеъмоли даво - якқошуқчагӣ рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл об. Мӯҳлати табобат аз 30 то 90 рӯз, танаффус 30 рӯз. Пасон метавонед боз ин даворо истифода бубаред. Безарар аст ва одаткуниро ба вуҷуд намеорад. Истеҳсолкунандагони **"ГАЛЕГА-НОВА"** боварӣ доранд, ки маҳсулоти онҳо беморонро хуш меояд.

## "СУПЕР САБЕЛЬНИК" - БА МЕЪДА ЗАРАР НАРАСОНИДА, ДАРДУ СӮЗИШРО БАРТАРАФ МЕСОЗАД!

Растании қатра-оби **"Супер Сабельник"** таъсири воқеан ҳайратангез дорад. Он ҳангоми табобати бемориҳои **артрит (устухону буғумҳо)** ва **артроз (сутунмӯҳра)** давои беҳамтост. **Намакро хориҷ, дарду сӯзишро бартараф, варам ва шамолхӯрии буғумҳоро нест мекунад ва беҷошавӣ, рагкаширо бартараф менамояд.**

Аксари воситаҳои рафъкунандаи дард, *(ампулаҳо ва дигар доруҳо, ҳангоми истеъмол)* ба меъда таъсири ҳалокатовар доранд. Аммо гиёҳӣ қатраобии **"Супер Сабельник"** баръакс онро табобат мекунад. Ҳангоми харидорӣ намудани **"Супер Сабельник"** бояд дар навиштаҷоти он **"Целебные травы"** дида шавад. Зеро маҳз ҳамин навъи маҳсулот дар таркибаш спирт ва қанд надорад, аз ин рӯ истеъмоли он барои ашхосе, ки гирифтори бемории қанд ва фарбеҳиянд безарар аст. **Истифода:** аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол 10-20 чакрагӣ 2 бор давоми 1 моҳ истеъмол намоед. Шахсоне, ки дардашон кӯҳна асту муддати табобатро тӯлонӣ давом додан мехоҳанд, истеъмоли он мумкин аст. **Нархи фурӯш:** 27 сомонӣ.




**ИСТЕҲСОЛИ РУСИЯ. АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**



МИНБАРИ ХАЛҚ
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:**
Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:**
Ҷумъа Қуддус, Толиби Луқмон,
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова,
Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 49190 нусха**

